**ДОНИШГОҲИ ДАВЛАТИИ БОХТАР
БА НОМИ НОСИРИ ХУСРАВ**

*Бо ҳуқуқи дастнавис*

**ТДУ: 3 43.32+32(575.3)
ТКБ: 67-6+66.5 (2тоҷик)
М- 16**

**МАДВАЛИЕВ ҶАМОЛИДДИН АЛИҶОНОВИЧ**

# ТЕРРОРИЗМ, АМАЛҲОИ ТЕРРОРИСТӢ ВА ТАЪСИРИ ОНҲО БА СУБОТИ СИЁСИИ ҶОМЕА

**Автореферати
диссертатсия барои дарёфти дараҷаи илмии
номзади илмҳои сиёсӣ аз рӯйи ихтисоси
23.00.02 – Ниҳодҳо, равандҳо ва
технологияҳои сиёсӣ**

**Душанбе – 2024**

Диссертатсия дар кафедраи сиёсатшиносии Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав омода гардидааст

| | |
|---|---|
| **Роҳбари илмӣ** | **Муродова Нигина Сулаймоновна** – доктори илмҳои сиёсӣ, дотсент, мудири кафедраи сиёсатшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон |
| **Муқарризони расмӣ:** | **Абдуҳамитов Валиҷон Абдуҳалимович** – доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессори кафедраи ҳуқуқи ҷиноятии факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи славянии Россия - Тоҷикистон<br>**Файзов Рамазон Холмадович** – доктори фалсафа (PhD), аз рӯйи ихтисоси сиёсатшиносӣ, муаллими калони кафедраи сиёсатшиносии Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ |
| **Муассисаи пешбар:** | Донишгоҳи давлатии ҳуқуқ, бизнес ва сиёсати Тоҷикистон |

Ҳимояи диссертатсия «3» майи соли 2024, соати «$15^{00}$» дар ҷаласаи Шурои диссертатсионии 6D.КОА–001 назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон (734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, Буни Ҳисорак, бинои таълимии 15) баргузор мегардад.

Бо диссертатсия дар вебсайти www.tnu.tj ва Китобхонаи илмии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон бо суроғаи 734025, Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 17 шинос шудан мумкин аст.

Автореферат «___» ________ соли 2024 фиристода шуд.

**И.в. котиби илмии**
**Шурои диссертатсионӣ,**
**доктори илмҳои таърих** **Акрамӣ З.И.**

# МУҚАДДИМА

**Мубрамии мавзуи таҳқиқот.** Яке аз падидаҳои хатарноке, ки дар ибтидои асри XXI ба суботи сиёсии аксари давлатҳои олам, аз ҷумла ба амнияти миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳдид менамояд, терроризми байналмилалӣ мебошад. Ҳарчанд пайдоиши терроризм таърихи қадима дошта бошад ҳам, аз солҳои 70-уми асри гузашта яку якбора шумораи амалҳои террористӣ ва ташкилотҳои террористӣ рӯ ба афзоиш ниҳодаанд. Дар ибтидои асри XXI бошад, рушди технологияҳои иттилоотию коммуникатсионӣ, тавсеаи шабакаи интернет ва рушди илму техника ба ташкилотҳои террористӣ имконият додаанд, ки на танҳо роҳу усулҳои фаъолияти худро тағйир диҳанд, балки аз сатҳи миллию минтақавӣ ба сатҳи байналмилалӣ бароянд. Махсусан, хавфу хатари аз ҷониби террористон истифода гардидани яроқи қатли ом ва дигар дастовардҳои илмию технологӣ рӯз то рӯз меафзояд. Дар чунин шароит рушди илмҳои генетика ва микробиология тамаддуни инсониро зери хавфу хатар қарор медиҳад. Таҳдиду хатари афзояндаи терроризм кишварҳои олам ва созмонҳои байналмилалиро водор намудаанд, ки барои пешгирӣ намудан ва аз байн бурдани ин зуҳурот чораандешӣ намоянд. Бо назардошти чунин вазъият гуфтан мумкин аст, ки айни замон яке аз масъалаҳое, ки аз ҳама бештар диққати ҷомеашиносон ва сиёсатшиносонро ба худ ҷалб менамояд, масъалаи терроризм мебошад.

Гузашта аз ин, терроризми замони муосир бо як қатор хусусиятҳои худ аз терроризми давраҳои дигари таърихӣ фарқ менамояд. Якум ин ки дар шароити муосир террористон аҳолии осоиштаро ҳамчун объекти рамзӣ интихоб намуда, ба воситаи тарсонидани онҳо ба мақомоти ҳокимияти давлатӣ таъсиргузорӣ мекунанд. Дуюм ин ки терроризми замони муосир аз ҷониби як қатор давлатҳо ҳамчун воситаи амалӣ гардонидани мақсадҳои геополитикӣ ва геостратегӣ истифода бурда мешавад. Сеюм ин ки терроризми замони муосир дар муқобили ҷаҳонишавӣ ва афзудани нобаробарии иқтисодии давлатҳо баромад менамояд. Чӣ қадаре ки чунин нобаробарӣ зиёд гардад, ҳамон қадар барои фаъолияти террористӣ имкониятҳои нав пайдо мешаванд. Дар чунин шароит кӯшиши ба воситаи неруҳои ҳарбию қудратӣ несту нобуд намудани терроризм боиси он мегардад, ки террористон аз ҷинояткорон ба мубориზони адолати иҷтимоӣ табдил меёбанд. Чорум ин ки терроризми замони муосир дар аксар мавриd зери ниқоби дини ислом зуҳур менамояд ва аксари ташкилотҳои террористиро низ айни замон ташкилотҳои террористии тундгароии исломӣ ташкил медиҳанд. Дар чунин шароит барои давлатҳое, ки аксарияти аҳолиашро мусулмонон ташкил медиҳанд, мубориза бо терроризм хеле мушкил мегардад. Панҷум ин ки шабакаи интернет ва технологияҳои иттилоотии замони муосир ба ташкилотҳои террористӣ имконият медиҳанд, ки на танҳо фаъолияти шабакавии худро қавӣ гардонанд, балки бо роҳи тарғибу ташвиқи ғояҳои тундгароии динию сиёсӣ пайравони худро зиёд намоянд. Дар маҷмуъ, дар замони муосир «инсоният дар симои терроризми байналмилалӣ бо душмани бераҳму шафқат ва маккоре рӯ ба рӯ омадааст, ки тамоми меъёрҳои ахлоқӣ ва арзишҳои умумиинсониро поймол карда, барои расидан ба ҳадафҳои худ аз ягон

ваҳшоният рӯй намегардонад».[1] Чунин вазъи баамаломада омӯзиши терроризми замони муосирро хеле муҳим гардонида, зарурати муайян намудани нишонаҳо ва хусусиятҳои нави онро ба миён мегузорад, то ки самаранокии мубориза бо терроризм дар сатҳи зарурӣ ба роҳ монда шавад.

Ҷумҳурии Тоҷикистон аз солҳои аввали ба даст овардани истиқлолият бо падидаи терроризм рӯ ба рӯ гардида буд. Чӣ дар солҳои ҷанги шаҳрвандӣ ва чӣ баъди ба имзо расидани Созишномаи истиқрори сулҳ ва ризоияти миллӣ дар ҳудудҳои мамлакат дар муқобили арбобони сиёсӣ, донишмандон, хабарнигорон, намояндагони мақомоти давлатӣ ва сохторҳои қудратӣ ҳуҷумҳои гуногуни террористӣ анҷом дода шудаанд. Соли 1999 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи мубориза бар зидди терроризм» ва соли 2003 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи мубориза бар зидди экстремизм» қабул гардидаанд.[2] Моҳи январи соли 2020 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи муқовимат бо экстремизм» қабул гардид.[3] Ғайр аз ин, ҷиҳати пурзӯр намудани мубориза бо экстремизм ва терроризм бо Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон аз 12 ноябри соли 2016, №776 «Стратегияи миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба муқовимат бо экстремизм ва терроризм барои солҳои 2016-2020» тасдиқ гардида буд.[4] Инчунин бо назардошти вазъи печидаи олами муосир, ки дар он хавфу хатари терроризм ва амалҳои террористӣ рӯз то рӯз бештар шуда истодаанд, бо фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон аз 1 июни соли 2021, №187 «Стратегияи муқовимат ба экстремизм ва терроризм дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2021-2025» қабул мегардад.[5] Бо қарори Додгоҳи Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз соли 2006 то инҷониб фаъолияти зиёда аз 18 ташкилоти террористию экстремистӣ дар қаламрави кишвар мамнуъ эълон гардидааст. Чунончӣ: «Ал-Қоида», «Ҳаракати исломии Туркистони Шарқӣ», «Ҳизби исломии Туркистон» (собиқ Ҳаракати исломии Ӯзбекистон), «Ҳаракати Толибон», «Ихвон-ул-муслимин», «Лашкари Тайиба», «Ҷамоати исломии Покистон», «Ҷамоати Таблиғ», «Созмони таблиғот», «Тоҷикистони озод», «Ҳизб-ут-Таҳрир», «Ҷамоати Ансоруллоҳ», чараёни динии «Салафия», «Гурӯҳи 24», «Давлати

---

[1] Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олӣ, 26.12.2019 [Манбаи электронӣ]. URL: http://president.tj/node/21975 (Санаи муроҷиат: 11.07.2020)

[2] Ниг.: Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи мубориза бар зидди терроризм» аз 16.11.1999 [Манбаи электронӣ]. URL: http://mmk.tj/system/files/Legislation/846_tj.pdf (Санаи муроҷиат: 11.07.2020)

[3] Ниг.: Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи муқовимат бо экстремизм» аз 02.01.2020 [Манбаи электронӣ]. URL: http://mmk.tj/system/files/Legislation/1655_tj.pdf (Санаи муроҷиат: 11.07.2020)

[4]Ниг.: Стратегияи миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба муқовимат бо экстремизм ва терроризм барои солҳои 2016-2020 // Бо фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 12.11.2016, №776 тасдиқ гардидааст.

[5] Ниг.: Стратегияи муқовимат ба экстремизм ва терроризм дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2021-2025 // Бо фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 1.06.2021, №187 тасдиқ гардидааст.

исломии Ироку Шом (ДИИШ)», «Ҷабҳат-ан-Нусра», «Ҳизби наҳзати исломӣ» ва «Паймони миллии Тоҷикистон».[1]

Ташкилотҳои террористии мазкур тӯли солҳои охир бо ҳамдигар робитаи шабакавӣ барқарор карда, барои амалӣ намудани ҳадафҳои хеш ба якдигар кӯмак мерасонанд. Гузашта аз ин, ҳамаи онҳо бо назардошти ҷиддитар гардидани фаъолияти зиддитеррористии давлат худро бо шароитҳои нав мутобиқ сохта, роҳу усулҳои муборизаи худро тағйир дода истодаанд. Ҳамаи ташкилотҳои террористии замони муосир, аз ҷумла ташкилотҳои террористию экстремистие, ки фаъолияташон дар ҳудудҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон мамнуъ эълон гардидаанд, аҳолии осоишта ва қишрҳои гуногуни ҷомеаро ҳамчун объекти рамзии худ интихоб намудаанд. Бо назардошти гуфтаҳои боло, инчунин бо мақсади муайян намудани осебпазирии ҷомеаи Тоҷикистон дар муносибат бо терроризм омӯзиш ва таҳқиқи хусусиятҳо ва нишонаҳои терроризми муосир хеле муҳим буда, барои баланд бардоштани самаранокии фаъолияти зиддитеррористии давлат ва дар маҷмуъ барои муқовимат нишон додан бо зуҳуроти тундгароии динию сиёсӣ мусоидат менамояд.

Мубрамии омӯзиши мавзуъ бо тағйирпазирии терроризм асоснок карда мешавад. Зеро ин зуҳурот марҳила ба марҳила роҳу усулҳои нави муборизаро истифода намуда, дар шаклҳои гуногун зоҳир мешавад, ки танҳо дар заминаи омӯзиши амиқу дақиқ ин гуна хусусиятҳои терроризмро муайян намудан имконпазир мегардад.

**Дараҷаи таҳқиқи мавзуи илмӣ.** Аз солҳои 1970 сар карда олимону муҳаққиқони соҳаҳои гуногуни илм ба омӯзиши терроризм ба таври ҷиддӣ машғул гардидаанд. Таваҷҷуҳи олимонро ин масъала ба он хотир ҷалб намуд, ки аз ин давра сар карда шумораи амалҳои террористӣ дар кишварҳои гуногуни олам рӯ ба афзоиш ниҳод. Тибқи омори Пойгоҳи иттилоотии ҷаҳонӣ оид ба терроризм (Global terrorism database) аз соли 1970 то ба имрӯз дар курраи замин зиёда аз 200 ҳазор амали террористӣ рух додааст.[2] Бо назардошти чунин вазъият гуфтан мумкин аст, ки масъалаи терроризм яке аз мавзуъҳое мебошад, ки дар атрофи он таҳқиқоти хеле зиёд анҷом дода шудааст. Аммо ба шумораи зиёди таҳқиқотҳо нигоҳ накарда, аксарияти онҳо характери эҳтимолӣ доранд ва барои дарки моҳияти терроризм мусоидат карда наметавонанд. Гузашта аз ин, ба омӯзиши васеи ин падида нигоҳ накарда, то ба имрӯз назарияи ягонаи терроризм ба вуҷуд оварда нашудааст. Зеро тӯли ду даҳсолаи охир терроризм ва шаклҳои зоҳиршавии он хеле зиёд тағйир ёфтааст. Ташкилотҳои террористии замони муосир аз усулҳои фаъолияти террористӣ сар карда то истифодаи роҳу усулҳои ба амал баровардани амалҳои террорситиро тағйир додаанд. Аз ин рӯ, дар таҳқиқоти мазкур бо такя ба асарҳои илмию таҳқиқотии солҳои охир ва дар асоси таҳлили фаъолияти зиддитеррористии замони муосир масъалаи терроризм дар шароити дигаргуниҳои ҳаёти ҷамъиятӣ мавриди омӯзиш ва таҳқиқ қарор дода мешавад. Олимонеро, ки дар

[1] Ниг.: Антитеррористический центр государств-участников Содружества Независимых Государств [Манбаи электронӣ]. URL: https://www.cisatc.org/1289/134/160/126 (Санаи муроҷиат: 11.07.2020)

[2] Ниг.: Global terrorism database. [Манбаи электронӣ]. URL: https://www.start.umd.edu/gtd/ (Санаи муроҷиат 20.06.2020)

асарҳои илмию таҳқиқотии худ ба масъалаи терроризм таваҷҷуҳи зарурӣ додаанд, ба гурӯҳҳои зерин ҷудо намудан мумкин аст.

Гурӯҳи аввалро асарҳои илмию таҳқиқотии олимони аврупоӣ ва амрикоӣ ташкил медиҳанд. Бояд тазаккур дод, ки дар омӯзиши паҳлуҳои гуногуни терроризм олимони амрикоӣ ва аврупоӣ на танҳо таҳқиқоти зиёд анҷом додаанд, балки онҳо ба таҳқиқи ин масъала каме пештар оғоз намудаанд. Ҳанӯз аз солҳои 70-уми асри гузашта олимони мазкур ба омӯзиши ин масъала оғоз намуда буданд. Дар ин самт таҳқиқоти анҷомдодаи М. Креншоу, А.П. Шмид, Ҷ. Гудвин, А. Ричардс, Б. Макалистер, С. Кливас, Р. Фалк, Н. Хомский аҳамияти зиёди илмию назариявӣ доранд.[1] Омӯзиши асарҳои илмию таҳқиқотии олимони Ғарб нишон медиҳад, ки онҳо аз ҳама бештар ба сабабҳои пайдоиши терроризм ва заминаҳои ташаккулёбии фаъолияти террористии ҳизбу ҳаракатҳои исломӣ диққат додаанд. Аз ин рӯ, дар таҳқиқоти онҳо радикализми динӣ, исломгароӣ, экстремизми динӣ ҳамчун заминаи пайдоиши терроризм дониста шудаанд.

Гурӯҳи дуюмро асарҳои олимони рус ташкил медиҳанд. Зеро дар самти омӯзиши терроризм олимони рус низ саҳми арзанда гузоштаанд. Аз ҷумла Г.В. Новикова, О.Г. Харитонова, В.А. Гуторов, А.А. Ширинянс, А.В. Шободаева, Ю. Мухин, М.И. Дзлиев, Э.С. Иззатдуст, М.П. Киреев, И. Хохлов, И. Добаев, А. Добаев ва чанде дигарон дар омӯзиши терроризм саҳми арзанда гузоштаанд.[2]

---

[1] Ниг.: Crenshaw, M. Terrorism, Legitimacy, and Power [Text] / M. Crenshaw. – Middletown: Wesleyan University Press, 1983. – 174 p.; Боз вай. The causes of terrorism [Text] / M. Crenshaw // Comparative politics. – N.Y., 1981. – Vol. 13. – №4. – P. 379–399.; Schmid, A.P. Political Terrorism: A Research Guide to Concepts, Theories, Data Bases and Literature [Text] / A.P. Schmid. – New Brunswick: Transaction, 1983. – 220 p.; Боз вай. Frameworks for conceptualizing terrorism [Text] / A.P. Schmid // Terrorism and political violence. – 2004. – Vol. 16. – №2. – P. 197–221.; Goodwin, J. A Theory of categorical terroris [Text] / J. Goodwin. // Social Forces. – Oxford, 2006. – Vol. 84. –№4. – P. 2028–2046.; Richards, A. Conceptualizing terrorism [Text] A. Richards // Studies in conflict and terrorism. – 2014. – Vol. 37. – №3. – P.213–236.; McAllister, B. Theories of terrorism [Text] / B. McAllister // Terrorism studies freebook. – N.Y.: Routledge, 2015. – P. 28–156.; Kalyvas, S. The paradox of terrorism in civil war [Text] /S. Kalyvas // The journal of ethics. – Springer, 2004. – Vol. 8. – №1. – P. 97–138.; Falk, R. The Terrorist mind-set: The Moral Universe of Revolutionaries and Functionaries [Text] / R. Falk. – N.Y.: Dutton, 1988. – 180 p.; Хомский, Н. 9-11 [Текст] / Н. Хомский. – М.: Логос, 2001. – 160 с.

[2] Ниг.: Новикова, Г.В. Сильная стратегия слабых. Террор в конце XX века [Текст] / Г.В. Новикова // Полис. Политические исследования. – 2000. – №1. – С.169-172; Харитонова, О.Г. Изучая терроризм: Основные контуры дискуссии [Текст] / О.Г. Харитонова // Политическая наука. – 2018. – №4. – С.13-33; Гуторов, В.А. Терроризм как теоретическая и историческая проблема: некоторые аспекты интерпретации [Текст] / В.А. Гуторова, А.А. Ширинянц // Полис. Политические исследования. – 2017. – №3. – С.30-54; Шободаева, А.В. Террор и терроризм: проблема понятийного аппарата [Текст] / А.В. Шободаева // Известия Иркутского государственного университета. Серия «Политология. Религиоведение». – 2019. – Т.27. – С.20-28; Мухин, Ю. Кто убивал американцев 11 сентябри 2001 года? [Текст] / Ю. Мухин. –М., 2004. – 100 с.; Дзлиев, М.И. Современный терроризм: социально-политический облик противника [Текст] / М.И. Дзлиев, Э.С. Иззатдуст, М.П. Кириев. –М.: Академия, 2007. – 672 с.; Хохлов, И. О некоторых подходах к объяснению феномена терроризма [Текст] / И. Хохлов // Мировая экономика и международные отношения. – 2015. – №5. – С. 19-28.; Добаев, И. Новый терроризм: глобализация и социально-экономическое расслоение [Текст] / И. Добаев // Мировая экономика и международные отношения. – 2009. – №5. – С. 114-120.

Дар асарҳои О.Г. Харитонова таҳқиқотҳои муҳимтарини ба омӯзиши терроризм бахшидашуда таҳлилу баррасӣ гардида, дар заминаи андешаҳои олимони сатҳи ҷаҳонӣ ва назарияҳои террологҳо хусусиятҳои муҳимми терроризм, сабабҳои пайдоиш ва шаклҳои зоҳиршавии онҳо нишон дода шудаанд. В.А. Гуторов ва А.А. Ширинянс ба таърихи таҳаввулоти терроризм таваҷҷуҳ намуда, ин падидаро дар ҳошияи баамалоии инқилобҳо ва ҷангҳо таҳлилу таҳқиқ кардаанд. Дар таҳқиқоти онҳо масъалаи аз ҷониби неруҳои сиёсӣ дар муқобили якдигар истифода гардидани терроризм ва усулҳои террористӣ илман асоснок карда шудаанд.

Гурӯҳи сеюмро таҳқиқотҳое ташкил медиҳанд, ки дар онҳо шаклҳои зоҳиршавии терроризм ва пешгирии амалҳои террористӣ таҳлилу баррасӣ гардидаанд. Дар таҳлилу баррасии ин масъала чунин олимон ба монанди А.С. Валеева, С.Ю. Горбунов, Ю.М. Антонян, А.А. Султигов, О.С. Пустошинская, Е.А. Степанова, В.А. Глушков, В.П. Емелянов, С.У. Дикаев, Ю.И. Авдеев, А. Еляков, А.В. Соколов, О.М. Степанов ва дигарон саҳмгузорӣ намудаанд.[1] Дар асарҳои олимони мазкур тафовути байниҳамдигарии терроризм, амалҳои террористӣ, фаъолияти террористӣ, шаклҳои зоҳиршавии терроризм, аз қабили терроризми муосир, терроризми компютерӣ, терроризми ҷиҳодӣ, ҷиноятҳои дорои характери террористӣ ва монанди инҳо таҳқиқ гардидаанд. Олимони номбаргардида бар он боваранд, ки муайян намудани шакли зоҳиршавии терроризм пешгирии амалҳои террористӣ ва маҳдуд намудани доираи фаъолиятҳои террористиро имконпазир мегардонад. Аз ин рӯ, таҳқиқоти онҳо дар самти мубориза бо терроризм арзиши зиёди илмию амалӣ доранд.

Гурӯҳи чорумро асарҳои илмию таҳқиқотии олимони ватанӣ ташкил медиҳанд. Чи гунае ки маълум аст, Ҷумҳурии Тоҷикистон аз рӯзҳои аввали ба даст овардани истиқлолият бо таҳдиду хатари терроризм рӯ ба рӯ гардида буд. Дар солҳои ҷанги шаҳрвандӣ ва баъд аз он низ дар ҳудудҳои кишвар аз ҷониби ҳизбу ҳаракатҳои тундгароӣ ва ифротгароӣ зӯроварии сиёсӣ хеле зиёд истифода шудаанд. Бинобар ин, олимони ватанӣ низ ба омӯзиши ин масъала ба таври ҷиддӣ машғул гардидаанд.

---

[1] Ниг.: Валеева, А.С. Разграничение понятий террор, терроризм, террористический акт [Текст] / А.С. Валеева // Российский следователь. – 2012. – №14. – С. 31-33; Горбунов, Ю.С. Об определении понятий «террор» и «терроризм» [Текст] / Ю.С. Горбунов // Журнал российского права. – 2010. – №2. – С.31-40; Антонян, Ю.М. Природа этнорелигиозного терроризма [Текст] / Ю.М. Антонян. – М.: Аспект-пресс, 2008. – 365 с.; Султыгов, А.А. Победа над джихадистским терроризмом невозможно без его идеологического разоружения [Текст] / А.А. Султыгов // Вестник Российской нации. – 2018. –№6 (64). –С.111-126; Пустошинская, О.С. Джихадистский терроризм как контрвласть: экспликация в логике коммуникативно-сетевой концепции М.Кастельса [Текст] / О.С. Пустошинская // Вестник Томского государственного университета. – 2019. – №51. – С.183-191; Степанова, Е.А. Терроризм: проблемы определения и функционально-идеологическая типология [Текст] / Е.А. Степанова // Мировая экономика и международные отношения. – 2010. – №7. – С. 23-32; Глушков, В.А. Террор и терроризм: соотношение и разграничение [Текст] / В.А. Глушков, В.П. Емельянов // Форум права. – 2011. – №4. – С.107-112; Дикаев, С.У. Террор, терроризм и преступления террористического характера [Текст] / С.У. Дикаев. – СПб.: Юрид. центр Пресс, 2006. – 464 с.; Авдеев, Ю.И. Типология терроризма [Текст] / Ю.И. Авдеев // Современный терроризм: состояние и перспективы. – М., 2000. – С.65-83; Еляков, А. Компьютерный терроризм [Текст] / А. Еляков // Мировая экономика и международные отношения. – 2008. – №10. – С.102-105; Соколов, А.В. Защита от компьютерного терроризма [Текст] / А.В. Соколов, О.М. Степанов. – СПб., 2002. – 496 с.

Масъалаҳои ҷудогонаи терроризм, аз ҷумла моҳият, хусусият, сабабҳои пайдоиши амалҳои террористӣ, омилҳо ва заминаҳои ташаккули терроризм дар асарҳои илмию таҳқиқотии Г.Н. Зокиров, А.Н. Муҳаммад, Д. Назиров, А.И. Искандаров, Н.Д. Маҳмадиев, Р.Ҷ. Ҳайдаров ва чанде дигарон омӯхта шудаанд.[1]

Гурӯҳи панҷумро таҳқиқотҳои диссертатсионӣ ташкил медиҳанд. Зуҳуроти терроризми муосир, таъсири амалҳои террористӣ ба равандҳои сиёсии ҷомеа ва фаъолияти зиддитеррористӣ дар таҳқиқоти диссертатсионии Е.Ю. Сорока, Н.Я. Лазарев, С.И. Грачев, С.С. Веселовский, М.А. Адамова, А.К. Боташева ва чанде дигарон таҳқиқ гардидаанд. [2] Тӯли солҳои охир як гурӯҳ сиёсатшиносони ватанӣ низ дар таҳқиқоти диссертатсионии худ паҳлуҳои гуногуни зуҳуроти терроризм ва фаъолияти террористиро таҳқиқ намудаанд. Аз ҷумла, З. Шарифзода, Н.Д. Назиров, Р.Х. Файзов дар ин самт корҳои арзишманд анҷом додаанд.[3] Ғайр аз ин, масъалаи терроризм ва

---

[1] Ниг.: Зокиров, Г.Н. Терроризм [Матн] / Г.Н. Зокиров. –Душанбе, 2004. – 53 с.; Боз вай. Зӯроварии сиёсӣ [Матн] / Г. Н. Зокиров. – Душанбе: «Эр-граф», 2018. – 132 с.  Муҳаммад А.Н. Истиқлоли сиёсӣ ва таҳкими давлатдории миллӣ [Матн] / А.Н. Муҳаммад. – Душанбе: Эр-граф, 2016. – 264 с.; Боз вай. Политический терроризм как результат религиозно-этнического экстремизма [Текст] / А.Н. Мухаммад // Евразийский юридический журнал. – 2021. – №7 (158). – С. 444-447.; Назиров, Д. Проблемы терроризма и религиозного экстремизма в условиях глобализации. Ч.1. [Текст] / Д. Назиров. – Душанбе, Ирфон, 2009. – 209 с; Боз вай. Проблемы терроризма и религиозного экстремизма в условиях глобализации. Ч. 2. [Текст] / Д. Назиров. – Душанбе, Ирфон, 2009. – 328 с.; Искандаров А.И. Джихадисты и их экстремистская деятельность в Центральной Азии [Текст] / А.И. Искандаров, И.А. Сафранчук // Известия Института философии, политологии и права имени А. Баховаддинова Академии наук Республики Таджикистан. – 2018. – №4. – С.112-118.; Искандаров А.И. Безопасность в Центральной Азии как ключевой аспект региональной интеграции [Текст] / А.И. Искандаров // Вестник дипломатической академии министерства иностранных дел Кыргызской республики им. Казы Дикамбаева. – 2016. – №6. – С. 33-39.; Махмадиев Н.Д. Социальные корни религиозного экстремизма в Таджикистане [Текст] / Н.Д.Махмадиев. – Душанбе, 2013 – 167 с.; Боз вай: Омилҳои иҷтимоии экстремизми динӣ-сиёсӣ дар Тоҷикистон. Монография [Матн] / Н.Д.Махмадиев. - Душанбе, 2019 – 240 с.; Хайдаров Р.Дж. Цифровизация общества как ключевой фактор обеспечения кибербезопасности государств в период глобализации [Текст] / Р.Дж. Хайдаров // Известия Института философии, политологии и права имени А. Баховаддинова НАНТ. – 2022. – №1. – С. 98-103.; Боз вай. Религиозно-экстремистские группировки как инструмент достижения геополитических целей запада в Центральной Азии [Текст] / Р.Дж. Хайдаров // Известия Института философии, политологии и права имени А. Баховаддинова НАНТ. – 2022. – №2. – С. 128-133.

[2] Ниг.: Сорока, Е.Ю. Особенности и тенденции эволюции современного терроризма [Текст]: автореф. дис. … канд. полит. наук: 23.00.02 / Е.Ю. Сорока. –М., 2006. – 32 с.; Лазарев, Н.Я. Терроризм как социально-политическое явление: истоки, формы и динамика развития в современных условиях [Текст]: автореф. дис. … канд. полит наук: 23.00.02 / Н.Я. Лазарев. –М., 2007. – 27 с.; Грачев, С.И. Контртерроризм: базовые концепты, механизмы, технологии [Текст]: дис. … д-ра полит. наук: 23.00.02 / С.И. Грачев. – Нижний Новгород, 2008. – 775 с.; Веселовский, С.С. Многостороннее сотрудничество в борьбе с транснациональным терроризмом [Текст]: дис. ... канд. полит. наук: 23.00.04 / С.С. Веселовский. – М., 2007. – 208 с.; Адамова, М.А. Женский терроризм в современном политическом процессе [Текст]: дисс. ... канд. полит. наук: 23.00.02 / М.А. Адамова. – Ставрополь, 2008. – 167 с.; Боташева, А.К. Терроризм как фактор современных политических процессов: детерминация, проявления, стратегия противодействия [Текст]: дис. … д-ра полит. наук: 23.00.02 / А.К. Боташева. – Ставрополь, 2009. – 485 с.

[3] Ниг.: Шарифзода, З. Международное сотрудничество Республики Таджикистан в борьбе с терроризмом [Текст]: дис. … канд. полит. наук: 23.00.04 / З. Шарифзода. – Душанбе, 2014. – 155 с.; Назиров, Н.Д. Проблемы политического ислама и конфликты в государствах Центральной Азии [Текст]: дис. … канд. полит. наук: 23.00.04 / Н.Д. Назиров. – Душанбе, 2017. – 156 с.; Файзов, Р.Х.

фаъолияти террористии ҳизбу ҳаракатҳои экстремистию террористӣ аз ҷониби файласуфон, муаррихон, ҳуқуқшиносон, ҷомеашиносон низ таҳқиқ гардида истодаанд. Дар илмҳои сиёсӣ омӯзиши ин масъала бо назардошти ҳифзи суботи сиёсӣ ва таҳкими пояҳои давлатдорӣ бояд сурат гирад.

Дар маҷмуъ, қайд намудан бамаврид аст, ки тӯли ду даҳсолаи охир масъалаҳои ҷудогонаи терроризм аз ҷониби олимони зиёд таҳқиқ гардидааст. Ба ҳамаи ин нигоҳ накарда хавфу хатари терроризм ва амалҳои террористӣ на танҳо аз байн нарафтаанд, балки ин зуҳурот мушкилиҳои навро пеш гузошта истодааст. Зеро мушоҳидаҳо нишон медиҳад, ки фаъолияти террористӣ ва терроризм бо шароити навин худро доимо мутобиқ намуда, роҳу усулҳои нави анҷом додани амалҳои террористиро истифода менамояд. Аз ин рӯ, ин масъала дар шароити кунунии давлатдорӣ ба омӯзиши бештар ниёз дорад.

**Робитаи таҳқиқот бо барномаҳо ва ё мавзуъҳои илмӣ.** Таҳқиқоти диссертатсионӣ дар доираи иҷроиши мавзуи илмӣ-таҳқиқотии кафедраи сиёсатшиносии Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав «Равандҳои сиёсӣ дар замони ҷаҳонишавӣ: ҷанбаҳои дохилӣ ва берунӣ» (барои солҳои 2016-2020, 2021-2025) гузаронида шудааст.

## ТАВСИФИ УМУМИИ ТАҲҚИҚОТ

**Мақсади таҳқиқот** – таҳқиқи хусусиятҳои муҳимми терроризми замони муосир, баррасии таъсири терроризм ва амалҳои террористӣ ба суботи сиёсии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва нишон додани роҳу воситаҳои мубориза бо терроризм. Барои амалӣ намудани мақсади таҳқиқот иҷроиши вазифаҳои зерин зарур дониста шудаанд.

**Вазифаҳои таҳқиқот:**

– таҳлили асосҳои назариявию консептуалии масъалаҳои ҷудогонаи терроризм ва дар ин замина нишон додани моҳият ва хусусиятҳои муҳимтарини терроризми муосир;

– таҳқиқ намудани алоқамандии терроризм бо идеологияҳои тундгароӣ ва ифротгароӣ, дар чунин қолаб муайян намудани мазкур заминаи асосии ташаккули терроризм;

– таҳлилу баррасӣ намудани шаклҳои мухталифи зоҳиршавии терроризм ва дар ин замина нишон додани махсусиятҳои зуҳури амалҳои террористӣ дар олами муосир;

– таҳқиқ намудани махсусиятҳои низоми мубориза ба муқобили терроризм ва амалҳои террористӣ дар шароити ҳозира ва муайян намудани таҳаввулоти таҷрибаҳои зиддитеррористии давлатҳои алоҳида ва созмонҳои байналмилалӣ;

– нишон додани таъсири терроризм ва амалҳои террористӣ ба суботи сиёсӣ ва амнияти миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва асоснок намудани хусусиятҳои мубориза бо ин зуҳурот дар шароити навини давлатдорӣ;

– таҳлили масъалаҳои рӯзмарраи фаъолияти зиддитеррористӣ ва пешомади инкишофи онҳо, нишон додани дурнамои таъмини суботи сиёсӣ ва пешгирии амалҳои террористӣ дар шароити имрӯза.

---

Терроризми сиёсӣ ва хусусиятҳои он дар шароити тағйирёбии ҷомеа (таҷрибаи Тоҷикистон) [Матн]: дис. ... док. фалс. (PhD) - доктор аз рӯйи ихтисос доир ба ихтисоси 6D050200 – Сиёсатшиносӣ (6D050202 - Ниҳодҳо, равандҳо ва технологияҳои сиёсӣ) / Р.Х. Файзов. – Душанбе, 2022. – 194 с.

**Объекти таҳқиқот** – хусусияти терроризм ва амалҳои террористӣ дар замони муосир мебошад.

**Предмети таҳқиқот** – таъсири терроризм ва амалҳои террористӣ ба суботи сиёсии Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад.

**Фарзияи таҳқиқот.** Терроризми замони муосир аз терроризми давраҳои дигари таърихӣ аз рӯйи як қатор хусусиятҳои худ фарқ менамояд. Пеш аз ҳама терроризми замони муосир барои амалӣ намудани ҳадафҳои сиёсии худ оммаи мардум ва аҳолии осоиштаро ҳамчун объекти рамзӣ интихоб намуда, ба воситаи тарсонидани онҳо ба рафти қабули қарорҳои сиёсӣ таъсиргузорӣ мекунанд. Терроризми муосир бештар дар симои тундгароии исломӣ зоҳир гардида, бо истифода аз технологияҳои иттилоотию коммуникатсионӣ ва шабакаҳои интернетӣ ғояҳои тундгароӣ ва ифротгароиро дар байни қишрҳои гуногуни ҷомеа тарғибу ташвиқ менамоянд. Ғайр аз ин, терроризми замони муосир аз ҷониби давлатҳои алоҳида дастгирӣ ва маблағгузорӣ шуда, дар самти амалигардонии манфиатҳои геополитикӣ ва геостратегии онҳо истифода бурда мешаванд. Бо назардошти ин гуфтан мумкин аст, ки терроризми муосир яке аз таҳдидҳои воқеӣ ва пуриқтидоре мебошад, ки ба сохтори конститутсионии давлат, ба тамомияти марзӣ, суботи сиёсӣ, ваҳдати миллӣ, истиқлолияти давлатӣ, тартиботи ҷамъиятӣ таъсири манфӣ мерасонад ва барои ҳаёти осоиштаи ҷомеа хавфу хатарҳои гуногунро ба вуҷуд меоварад.

**Асосҳои назарияии таҳқиқот.** Дар раванди гузаронидани таҳқиқот асарҳои илмии олимони кишварҳои ғарбӣ, олимону муҳаққиқони рус ва донишмандони ватанӣ истифода бурда шудаанд. Зимни омӯзиши паҳлуҳои гуногуни терроризми муосир, бахусус дар мавриди пажӯҳиши омилҳо ва заминаҳои ташаккули терроризм ва сар задани амалҳои террористӣ як қатор консепсияҳо ва назарияҳои илмӣ истифода шудаанд. Чунончӣ, назарияи «бархӯрди тамаддунҳо», консепсияи «неруи нарм», консепсияи «фаъолияти шабакавӣ», назарияҳои ҷаҳонишавӣ ва ғайра. Асосҳои амалии тадқиқот аз таҳлили терроризм ва мубориза бар зидди он, истифодаи натиҷаҳои тадқиқотӣ вобаста низоми таъмини суботи сиёсӣ пайваста мебошад. Бинобар ин, моҳияти амалии таҳқиқот, пеш аз ҳама, бо имкониятҳои истифодаи натиҷаҳои он дар ҳалли масъалаҳо ва вазифаҳои зарурӣ пайваст аст.

**Асосҳои методологии таҳқиқот.** Дар раванди таҳқиқот методҳои муқоисавӣ, таҳлили системавӣ, типологӣ, контент-анализ, методи оморӣ истифода бурда шудаанд. Ба воситаи методи муқоисавӣ нишонаҳои фарққунандаи терроризми классикӣ ва терроризми замони муосир мавриди омӯзиш қарор дода шуда, дар ин замина моҳият ва хусусиятҳои муҳимми терроризм ҳамчун падидаи иҷтимоию сиёсӣ нишон дода шудааст. Методи системавӣ имкон дод, ки роҳу усулҳои пешбурди фаъолияти террористӣ ҳамчун ҷузҳои таркибии терроризм ва худи терроризм ҳамчун ҷузъи таркибии идеологияҳои тундгароӣ ва ифротгароӣ нишон дода шавад. Методи типологӣ барои муайян намудани шаклҳои гуногуни зуҳуроти терроризм истифода бурда шуд. Тавассути методи контент-анализ мундариҷаи санадҳои меъёрию ҳуқуқии байналхалқӣ ва қонунгузории сатҳи миллӣ таҳлил гардида, дар заминаи он таҳаввулоти фаъолияти зиддитеррористӣ асоснок карда шудаанд. Истифодаи методи оморӣ имкон

дод, ки афзоиши бемайлони амалҳои террористӣ ва ба таври ҷиддӣ рӯ ба афзоиш ниҳодани зуҳуроти терроризм бо далелҳои мушаххас асоснок карда шавад.

**Навгонии илмии таҳқиқот.** Дар таҳқиқоти мазкур хусусиятҳои бевоситаи терроризми муосир таҳқиқ гардида, заминаҳо ва омилҳои ташаккули он дар шароити ҳозира, таъсири амалҳои террористӣ ба суботи сиёсии ҷомеа нишон дода шудаанд. Масъалаҳои алоҳидаи навгонии илмии таҳқиқотро ба таври зерин нишон додан мумкин аст:

– асосҳои назариявию консептуалии масъалаҳои ҷудогонаи терроризм таҳлил гардида, дар ин замина моҳият ва хусусиятҳои муҳимтарини терроризми муосир нишон дода шудаанд;

– алоқамандии терроризм бо идеологияҳои тундгарой ва ифротгарой таҳқиқ гардида, паҳншавии ғояҳои мазкур заминаи асосии ташаккули терроризм муайян гардидаанд;

– шаклҳои мухталифи зоҳиршавии терроризм таҳлилу баррасӣ гардида, дар ин замина махсусиятҳои зуҳури амалҳои террористӣ дар олами муосир нишон дода шудаанд;

– махсусиятҳои низоми мубориза ба муқобили терроризм ва амалҳои террористӣ дар шароити ҳозира таҳқиқ гардида, таҳаввулоти таҷрибаҳои зиддитеррористии давлатҳои алоҳида ва созмонҳои байналмилалӣ муайян карда шудаанд;

– таъсири терроризм ва амалҳои террористӣ ба суботи сиёсӣ ва амнияти миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон нишон дода шуда, бо назардошти дигаргуниҳои ҷаҳони муосир хусусиятҳои мубориза бо ин зуҳурот дар шароити навини давлатдорӣ нишон дода шудааст;

– масъалаҳои рӯзмарраи фаъолияти зиддитеррористӣ ва пешомади инкишофи онҳо таҳлил гардида, дурнамои таъмини суботи сиёсӣ ва пешгирии амалҳои террористӣ нишон дода шудаанд.

**Нуктаҳои ба ҳимоя пешниҳодшаванда:**

1. Терроризм ҳамчун таҷрибаи истифода намудани зӯроварии сиёсӣ таърихи тӯлонӣ дорад. Ин падидаи иҷтимоию сиёсӣ марҳилаҳои гуногуни ташаккулёбиро сипарӣ намуда, дар ҳар як давраи таърихӣ хусусият ва шаклҳои махсуси зоҳиршавиро соҳиб гардидааст. Терроризми замони муосир аз рӯйи як қатор хусусиятҳои худ аз терроризми давраҳои қаблӣ тафовут дорад. Дар охири асри XX ва ибтидои асри XXI бори аввал ташкилотҳои террористӣ бо мақсади таъсиррасонӣ намудан ба мақомоти давлатӣ аҳолии осоиштаро ҳамчун объекти рамзӣ интихоб намудаанд. Зеро ташкилотҳои террористии давраҳои қаблӣ танҳо дар муқобили сиёсатмадорон ва рақибони сиёсии худ суиқасд ва ё амали террористӣ анҷом медоданд ва ҳеҷ гоҳ аҳолии осоиштаро ҳадафи худ қарор намедоданд. Ғайр аз ин, ташкилотҳои террористии замони муосир тағйир додани сохтори конститутсионии давлат ва дар аксар маврид ташкил намудани давлати исломиро ҳадафи асосии худ қарор додаанд. Гузашта аз ин, дар шароити муосир як қатор давлатҳо терроризм ва ташкилотҳои террористиро барои амалӣ намудани ҳадафҳои стратегӣ ва геополитикии хеш истифода намуда, ба воситаи онҳо рақибони худро дар ҳолати ногувор қарор медиҳанд. Бо назардошти чунин воқеиятҳо гуфтан мумкин аст, ки таҳқиқотҳои ду даҳсола пеш анҷомёфта агар моҳияти

терроризмро то андозае ифода намоянд ҳам, хусусиятҳои онро ба таври пурра инъикос карда наметавонанд. Дар чунин шароит на танҳо моҳияти ин падида бояд аз сари нав баррасӣ гардад, балки нишонаҳо ва хусусиятҳои он бо назардошти дигаргуниҳои ҷаҳони муосир бояд муайян карда шавад. Терроризм ҳамчун таҷрибаи дар муқобили рақибон истифода намудани зӯроварии сиёсӣ боқӣ мондааст. Аммо стратегия ва тактикаи он куллан тағйир ёфтаанд.

2. Терроризм дар ҷойи хушку холӣ пайдо намешавад. Барои пайдоиши он як қатор омилҳо таъсиргузоранд, ки асосан ин гуна омилҳо сабаби асосии пайдоиш ва тавсеаи терроризм мешаванд. Вобаста ба омилҳои идеологии пайдоиши терроризм чунин падидаҳо ба монанди ифротгароии динию сиёсӣ, тундгароии динию сиёсӣ ва бунёдгароии диниро номбар намудан мумкин аст. Аз ин рӯ, дар мавриди идеологияи ташкилотҳои террористию экстремистии дорои хусусияти исломӣ истифода намудани мафҳумҳои ифротгароии исломӣ, тундгароии исломӣ ва бунёдгароии исломӣ қобили қабул аст. Идеологияи исломгароӣ ва исломгароён барои аз байн бурдани сохтори конститутсионии давлатҳои дунявӣ ва ба ҷойи онҳо ташкил намудани давлати исломӣ кӯшиш ба харҷ медиҳанд. Барои амалӣ намудани ин мақсад, пеш аз ҳама, ба онҳо ҷонибдорон ва пайравони ғояҳои тундгароии исломӣ лозим меояд. Аз ин рӯ, террористон бо мақсади пурра намудани сафҳои худ ва зиёд кардани артиши тундгароӣ роҳу воситаҳои гуногунро истифода менамоянд. Ҷомеаҳоеро, ки дар муносибат бо терроризм осебпазирии зиёд доранд, ба таври зерин маънидод намудан мумкин аст: агар аксарияти аҳолии мамлакатро мусулмонон ташкил диҳанд, агар рушди иҷтимоию иқтисодии ҷомеа дар сатҳи паст қарор дошта бошад, агар ҷомеа дар давраи гузариш қарор дошта бошад ва ғайра. Ба ибораи дигар, террористон мушкилиҳои дар ҷомеа мавҷудбударо маҳкум намуда, ба пайравони худ ҷомеаи боадолат ваояндаи дурахшонро ваъда медиҳанд ва бо ин роҳ онҳоро дар муқобили рақибони худ сафарбар менамоянд. Дар баробари ин, яке аз омилҳои таъсиргузор ба тавсеаи терроризм ин маблағгузорӣ ва дастгирии моддию молии он аз ҷониби давлатҳои алоҳида мебошад. Дар шароити муосир бозингарони сиёсати ҷаҳонӣ дар муқобили рақибони худ ташкилотҳои террористию экстремистиро истифода менамоянд, ки дар чунин шароит дар самти мубориза бо терроризм боз мушкилиҳои нав пайдо мешаванд.

3. Баррасии шаклҳои зоҳиршавии терроризм имкон медиҳад, ки моҳияти ин падида ба таври дуруст муайян карда шавад. Шаклҳои зоҳиршавии терроризмро бо назардошти омилҳои гуногун муайян кардан ба мақсад мувофиқ аст. Пеш аз ҳама, ба инобат гирифтани омилҳои таърихӣ имкон медиҳад, ки моҳияти терроризми муосир ба осонӣ шинохта шавад. Зеро дар солҳои 1870-1920 терроризм бо зуҳури анархизм, солҳои 1920-1960 бо зуҳури миллатгароӣ ва ташаккулёбии ҳаракатҳои миллӣ-озодихоҳӣ, солҳои 1960-1980 бо ташаккулёбӣ ва пайдоиши чапгароёни нав (мутаносибан марксистони нав) ва аз солҳои 1980 то имрӯз бо зуҳури наҳзати исломӣ ва бунёдгароии динӣ алоқамандӣ дорад. Аз ин рӯ, терроризми динӣ ва тундгароии динию сиёсӣ падидаҳои глобалии замони муосир ба шумор мераванд. Ғайр аз ин, терроризмро вобаста ба субъекти он низ ба навъҳои гуногун ҷудо менамоянд. Аз ҷумла терроризми давлатӣ ва ғайридавлатӣ. Ҳар кадоме аз ин шаклҳо боз дар навбати худ ба дохилию хориҷӣ ҷудо карда мешаванд. Ҳарчанд дар ин маврид баҳсу мунозираҳо хеле

зиёд бошанд ҳам, аксарияти олимон чунин навъбандии терроризмро ҷонибдорӣ намудаанд. Ҳатто баъзе муҳаққиқон муътақиданд, ки ҳама гуна терроризм ва ташкилотҳои террористӣ аз ҷониби давлатҳои мушаххас маблағгузорӣ мегарданд. Ғайр аз ин, дар атрофи терроризми байналмилалӣ, терроризми компютерӣ, биологӣ, психологӣ, исломӣ, динию сиёсӣ ва ғайра низ хеле зиёд баҳсҳо сурат мегиранд. Аз сатҳи фаъолияти зиддитеррористии созмонҳои байналмилалӣ сар карда то фаъолияти зиддитеррористии давлатҳои абарқудрат зери мафҳуми терроризми байналмилалӣ аслан терроризми динию сиёсӣ ва ё терроризми исломӣ фаҳмида мешавад. Терроризми муосир низ ифодагари фаъолияти террористии ташкилотҳое мебошад, ки дар симои дини ислом зоҳир мегарданд ва айни замон шумораашон хеле зиёд аст.

4. Мубориза бо терроризм яке аз самтҳои афзалиятноки сиёсати давлатиро ташкил медиҳад. Ҳар як давлат вобаста ба мавқеи ҷуғрофии кишвар, шарту шароитҳои иҷтимоию иқтисодӣ ва бо назардошти омилҳои мухталиф фаъолияти зиддитеррористии худро ба роҳ мемонад. Аз сентябри соли 2001 инҷониб, аниқтараш баъди рух додани амали террористӣ дар ИМА фаъолияти зиддитеррористиро гуфтан мумкин аст, ки дар ду сатҳ зоҳир мешавад. Якум дар сатҳи миллӣ ва дуюм дар сатҳи фаромиллӣ. Дар сатҳи фаромиллӣ асосан созмонҳои байналмилалӣ ва зерсохторҳои онҳо фаъолият намуда, кишварҳои аъзои худро барои иҷроиши талаботи қабулгардида ухдадор менамоянд. Дар сатҳи миллӣ бошад давлатҳои алоҳида дар баробари иҷроиши ӯҳдадориҳои байналмилалии худ боз як қатор чораҳои иловагӣ меандешанд. Чунин ба назар мерасад, ки дар самти мубориза бо терроризм меъёрҳои дар сатҳи байналмилалӣ қабулгардида, барои баъзе давлатҳо нокифоя буда, самаранокии фаъолияти зиддитеррористии онҳоро таъмин карда наметавонанд. Аз ин рӯ, ин гуна кишварҳо маҷбур мегарданд, ки барои таъмини суботи сиёсии кишварҳои худ боз чораҳои иловагӣ андешанд. Ҷумҳурии Тоҷикистон ба чунин давлатҳо шомил мешавад. Зеро Тоҷикистон аз лиҳози таъсири терроризм дар минтақаи осебпазири олам ҷойгир мебошад. Аммо чунин рафтори давлатҳо баъзан вақт аз ҷониби кишварҳо Ғарбӣ маззамат ва танқид мешавад. Дар ин маврид воқеият ин аст, ки таъсири терроризм дар кишварҳои олам гуногунсатҳ мебошад ва аз ин рӯ, дар давлатҳои алоҳида низ чораҳои пешгирикунанда ва фаъолияти зиддитеррористӣ бояд аз ҳамдигар тафовут дошта бошад. Бо назардошти чунин ҳолат масъалаи меъёрҳои пешбурди фаъолияти зиддитеррористӣ то ҳанӯз масъалаи баҳснок боқӣ мондааст.

5. Ҷумҳурии Тоҷикистон аз рӯзҳои аввали ба даст овардани истиқлолият бо падидаи терроризм рӯ ба рӯ гардида буд. Дар солҳои аввали ҷанги шаҳрвандӣ аслан тундгароёни исломӣ бо мақсади муташанниҷ кардани авзои сиёсии кишвар ва ташкил намудани давлати исломӣ дар муқобили намояндагони ҳокимияти давлатӣ амалҳои террористӣ истифода менамуданд. Барои ба амал баровардани ҳуҷумҳои террористӣ ба онҳо тундгароёни хориҷӣ кӯмак мерасониданд. Аммо баъди оғоз гардидани гуфтушунидҳои мусолиҳатомез тундгароёни исломӣ ва террористон кӯшиш менамуданд, ки низои сиёсиро тезу тунд намуда, ба ин раванд халал расонанд. Дар ин давра қатлу куштори аҳолии осоишта, рабудани ходимони давлатӣ, анҷом додани ҳуҷумҳои мусаллаҳона ва монанди ин амалҳо тез-тез аз ҷониби онҳо содир мегардид. Баъди ба имзо расонидани Созишномаи истиқрори сулҳ ва ризоияти миллӣ низ ин гуна

гурӯҳҳои муташаккили ҷиноӣ фаъолияти террористии худро идома дода, ба хоҷагии халқ ва пояҳои давлату давлатдорӣ зиёну зарари ҷиддӣ расонидаанд. Тӯли ду даҳсолаи охир низ дар ҳудудҳои Тоҷикистони соҳибистиқлол тундгароёни исломӣ даҳҳо амали террористӣ анҷом додаанд, ки дар натиҷаи он одамони зиёд ҳалок гаштаанд. Террористон ва тундгароёни исломӣ бо ин амали худ қаноатманд нашуда, тӯли солҳои охир тариқи шабакаҳои иҷтимоӣ ва интернетӣ ғояҳои тундгароӣ ва ифротгароии худро ба таври васеъ тарғибу ташвиқ намуда, аз ҳисоби қишрҳои гуногуни ҷомеа мехоҳанд ҷонибдорони худро зиёд намуда, ҳадафҳои сиёсии хешро амалӣ созанд. Ин ва дигар таҳдиду хатари терроризм барои Тоҷикистон солҳои охир хеле зиёд таҳдид менамоянд, ки барои пешгирии он чораҳои иловагӣ ва роҳу усулҳои навин зарур мебошад.

6. Падидаи терроризм дар тӯли таърих ба таҳаввулоти ҷиддӣ рӯ ба рӯ шудааст. Дар аввал ҳама гуна фаъолиятеро, ки барои тарсонидани рақибон истифода мешуд, террор меномиданд. Дар ибтидои асри XX бошад мафҳуми терроризм пайдо мешавад, ки онро дар муносибат ба рафтори аксулинқилобчиён, неруҳои сиёсии тундгаро ва умуман дар муносибат бо онҳое истифода менамуданд, ки дар муқобили намояндагони ҳокимияти давлатӣ суиқасд ташкил менамуданд. Дар ин давраи таърихӣ фаъолияти таъқиботӣ ва зиддиинқилобии давлатро ҳамчун террор муаррифӣ менамуданд. Аммо дар шароити муосир ҳам терроризм ва ҳам террор дар рафтори ташкилотҳои террористӣ ба мушоҳида мерасанд. Масалан, ташкилотҳои террористии замони муосир, аз қабили «Ал-Қоида», «Давлати исломӣ», «Толибон», «Ихвон-ал-муслимин» ва чанде дигарон ҳам фаъолияти террористӣ доранд ва ҳам дар муқобили объектҳои рамзии худ терроррро ба таври васеъ истифода менамоянд. Аз ин рӯ, терроризм ин стратегия ва террор бошад тактикаи ташкилотҳои террористии замони муосир ба шумор меравад. Террор ҳамчун воситаи амалӣ намудани мақсадҳои сиёсӣ дар шакли ҳуҷумҳои мусаллаҳона, суиқасд, таркиш, ҳуҷум ба объектҳои гуногуни давлатию ҷамъиятӣ, дуздидани ҳавопаймоҳо, асир гирифтан, рабудани одамон ва ғайра зоҳир мешаванд, ки ҳамаи онҳо дар заминаи фаъолияти террористӣ ба амал оварда шуда, унсурҳои таркибии падидаи терроризм мебошанд.

**Аҳамияти назариявӣ ва амалии таҳқиқот.** Дар таҳқиқоти анҷомёфта моҳият, хусусият ва нишонаҳои терроризми муосир дар заминаи омӯзиш ва баррасии асарҳои илмию таҳқиқотии солҳои охир асоснок карда шудаанд, ки барои шинохти табиати терроризм дар шароити муосир мусоидат менамояд. Гузашта аз ин, дар таҳқиқоти мазкур вобаста ба шаклҳои зоҳиршавии терроризм хулосаҳои илман асоснокшуда пешниҳод шудаанд, ки барои пешгирии ин падидаи номатлуб аҳамияти илмию назариявӣ доранд. Дар раванди таҳқиқот муаллиф манфиатҳои миллии Тоҷикистон, аз ҷумла ҳифзи сохтори конститутсионии давлат, истиқлолияти давлатӣ, якпорчагии марзу бум, суботи сиёсӣ ва монанди инҳоро дар маркази диққат қарор дода, бо назардошти онҳо ба масъалаи терроризм баҳои илмию назариявӣ додааст, ки чунин хулосаҳо барои ташаккули стратегия ва барномаҳои муқовимат бо терроризм ва экстремизм хеле аҳамиятнок мебошанд.

Натиҷаҳои таҳқиқот ва хулосаҳои муаллиф дар самти мубориза бо терроризм метавонанд аз ҷониби сохторҳои қудратӣ ва мақомоти ҳифзи ҳуқуқ истифода бурда шаванд. Инчунин натиҷаҳои таҳқиқот барои мукаммалгардонии қонунгузории

кишвар, дар самти таълиму тарбияи миллии ҷавонон, дар раванди таълим ва ҳангоми таҳияи барномаҳои таълимӣ ва китобҳои дарсӣ метавонанд истифода бурда шаванд. Таҳқиқоти мазкур барои муҳаққиқоне, ки дар оянда ба омӯзиши зуҳуроти терроризм ва экстремизм машғул мегарданд, маводи муфид маҳсуб меёбад.

**Дараҷаи эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқот.** Эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқот тавассути асосҳои назариявию консептуалӣ ва методҳои илмии истифодашуда асоснок карда мешавад. Методҳои илмии истифодашуда бо методологияи таҳқиқоти илмҳои сиёсӣ пурра мувофиқат менамоянд. Дар таҳқиқоти мазкур сарчашмаҳои иттилоотии боэътимод таҳлил гардидаанд, ки натиҷаҳои асосии таҳқиқот бо такя ба онҳо таҳия шудаанд. Инчунин дар таҳияи натиҷаҳои таҳқиқот ва ҷамъбасти мантиқии онҳо назарияҳои илмии мавҷуда низ мусоидат кардаанд. Диссертатсияи мазкур дорои сохтори мукаммал буда, унсурҳои алоҳидаи мундариҷаи таҳқиқот бо ҳамдигар мухолифат надоранд.

**Мутобиқати диссертатсия ба шиносномаи ихтисоси илмӣ.** Таҳқиқоти диссертатсионии мазкур дар мавзуи «Терроризм, амалҳои террористӣ ва таъсири онҳо ба суботи сиёсии ҷомеа» бо шиносномаи ихтисоси илмии 23.00.02 – Ниҳодҳо, равандҳо ва технологияҳои сиёсӣ мутобиқат менамояд. Дар банди 4-уми шиносномаи ихтисоси мазкур «Заминаҳои иҷтимоӣ ва табиати ҳизбҳои сиёсӣ» ва «Ҳизбу ҳаракатҳо» барои таҳқиқ пешбинӣ шудаанд. Дар таҳқиқоти мазкур зуҳуроти терроризм ва амалҳои террористӣ дар фаъолияти ҳизбу ҳаракатҳои ифротгароӣ ва тундгароӣ мавриди омӯзиш қарор гирифтаанд.

**Саҳми шахсии довталаби дараҷаи илмӣ дар таҳқиқот.** Довталаби дараҷаи илмӣ дар заминаи таҳлилу омӯзиши доираи васеи адабиёти илмӣ хусусиятҳои муҳимми терроризми замони муосирро нишон додааст. Натиҷаҳои таҳқиқот дар шакли маърӯзаҳо ва мақолаҳои илмӣ таҳия гардида, пешкаши доираҳои илмӣ ва муҳаққиқон гардонида шудааст. Муаллифи диссертатсия бо мақсади хубтару беҳтар нишон додани хусусиятҳои бевоситаи терроризми муосир кӯшиш намудааст, ки адабиёти илмии панҷ соли охир чопшударо мавриди омӯзиш қарор диҳад ва хулосаҳои худро дар заминаи таҳқиқоти навин асоснок намояд. Инчунин муаллиф дар заминаи омӯзиши таҷрибаи фаъолияти зиддитеррористии давлатҳои гуногун ва бо назардошти дигаргуниҳои ҳаёти ҷамъиятӣ роҳу усулҳои баланд бардоштани самаранокии мубориза бо терроризмро пешниҳод кардааст.

**Тасвиб ва амалисозии натиҷаҳои диссертатсия.** Диссертатсия дар маҷлиси кафедраи сиёсатшиносии Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав муҳокима гардида, барои ҳимоя ба Шурои диссертатсионии 6D.КОА-001 пешниҳод шудааст. Довталаби дараҷаи илмӣ дар конференсияҳои байналмилаливу ҷумҳуриявии илмию амалӣ, ба мисли «Факторы и предпосылки возникновения международного терроризма» // Развитие национальной государственности в период независимости: материалы республиканской научно-практической конференции г. Душанбе, 03 сентября 2021 г.; «Терроризми байналмилалӣ ва хусусиятҳои он» // Шабакаҳои иҷтимоии интернетӣ ҳамчун таҳдиди воқеӣ ба амнияти миллӣ: маводи конференсияи ҷумҳуриявии илмӣ-назариявӣ. ш. Душанбе, 29 ноябри соли 2022;

«Таъсири терроризм ба суботи сиёсии ҷомеа» // Мақом ва нақши Ҷумҳурии Тоҷикистон дар инкишофи геополитикии минтақа: маводи конференсияи илмӣ-амалии ҷумҳуриявӣ. ш. Душанбе, 29 августи соли 2023; «Ташаккули худшиносии миллӣ ҳамчун воситаи мубориза бар зидди терроризм» // Маҷмуаи мақолаҳои конференсияи илмӣ-амалии байналмилалӣ дар мавзуи «Худшиносии миллӣ дар раванди ҷаҳонишавӣ» бахшида ба 75-солагии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон (3 октябри соли 2023). – Душанбе, 2023; «Тундгароӣ ва ифротгароӣ ҳамчун омилҳои асосии пайдоиши терроризм» // Маводи конфренсияи илмӣ – назариявии байналмиллалӣ дар мавзуи «Терроризм ва экстремизм - хатар ба амнияти инсоният!», бахшида ба 35-умин солгарди Истиқлоли давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон» // 27-уми октябри соли 2023. – Хуҷанд, 2023 натиҷаҳои кори худро баррасӣ намудааст.

**Интишорот аз рӯйи мавзуи диссертатсия.** Натиҷаҳои асосии диссертатсия ва хулосаҳои таҳқиқот дар маърӯзаҳо ва мақолаҳои илмии довталаб нашр шудаанд. Довталаби дараҷаи илмӣ вобаста ба мавзӯи таҳқиқот 6 мақолаи илмӣ дар маҷаллаҳои тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон чоп намудааст. Инчунин вобаста ба мавзуи диссертатсия дар 5 конференсияҳои илмӣ-амалии байналмиллалӣ ва ҷумҳуриявӣ маърӯза намудааст.

**Сохтор ва ҳаҷми диссертатсия.** Диссертатсия аз номгӯйи ихтисораҳо, муқаддима, тавсифи умумии таҳқиқот, ду боб, шаш зербоб, хулоса, рӯйхати адабиёти истифодашуда ва рӯйхати интишороти муаллиф оид ба мавзуи диссертатсия иборат мебошад. Рӯйхати адабиёти истифодашуда 230 номгӯйро ташкил медиҳад ва матни диссертатсия дар ҳаҷми 218 саҳифаи компютерӣ таҳия шудааст.

## ҚИСМҲОИ АСОСИИ ТАҲҚИҚОТ

Дар муққадима мубрамии мавзуъ, дараҷаи таҳқиқи мавзуи илмӣ, робитаи таҳқиқот бо барномаҳои илмӣ, мақсад ва вазифаҳои таҳқиқот, обект ва предмети таҳқиқот, фарзияи таҳқиқот, асосҳои назариявӣ ва методологии таҳқиқот, навгонии илмии таҳқиқот, нуктаҳои асосии ба ҳимоя пешниҳодшаванда, аҳамияти назариявӣ ва амалии таҳқиқот, дараҷаи эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқот, мутобиқати диссертатсия ба шиносномаи ихтисоси илмӣ, саҳми шахсии довталаб, тасвиб ва амалисозии натиҷаҳои диссертатсия, интишорот аз рӯи мавзуи диссертатсия ва сохтор ва ҳаҷми диссертатсия оварда шуданд.

Дар боби якум – «**Асосҳои назариявию методологии таҳқиқи масъалаҳои терроризми муосир»**, ки аз се зербоб иборат мебошад, моҳият ва хусусиятҳои терроризм, заминаҳо ва омилҳои ташаккули он ва махсусиятҳои зуҳури амалҳои террористӣ дар олами муосир таҳқиқ гардидаанд.

Дар зербоби аввал – **«Моҳият ва хусусиятҳои терроризм: таҳлили назариявию консептуалӣ»** дар асоси назарияҳои консептуалии мафҳумҳои «террор», «терроризм» ва амалҳои террористӣ мавриди таҳқиқ қарор гирифтааст.

Мувофиқи баъзе сарчашмаҳо мафҳуми «терроризм» бори аввал ба таври расмӣ дар ҷаласаи васеи Конфронси Париж соли 1919 истифода бурда шуда буд. То ин давраи

таърихӣ ба ҷойи он мафҳуми «террор» истифода мешуд, ки ба воситаи ин мафҳум ҳам амалҳои террористӣ ва ҳам истифодаи пайдарпайи зӯроварии сиёсиро ифода менамуданд. Соли 1934 баъди оне, ки дар шаҳри Марсел подшоҳи Югославия Александри I ва вазири корҳои хориҷии Франсия Л. Барту дар амали террористӣ кушта мешаванд, Шурои Лигаи миллатҳо Кумитаи махсуси коршиносонро таъсис медиҳад, то ки онҳо масъалаи терроризмро омӯзанд ва лоиҳаи Конвенсия оид ба пешгирӣ ва ҷазодиҳии амалҳои террористиро омода созанд. Дар раванди таҳияи конвенсияи мазкур ба масъалаи ташаккул додани таърифи терроризм диққати зиёд додаанд. 16 ноябри соли 1937 баъди баррасии шаклҳои гуногуни таърифи терроризм Лигаи миллатҳо Конвенсияи байналмилалӣ оид ба мубориза бо терроризмро қабул намуданд, ки дар он нишонаҳои терроризм ба таври зерин ифода карда шуда буд: «Ҳама гуна амалҳои ҳадафмандонае, ки барои ба қатл расонидани сарварони давлатҳо ва ё мақомдорони расмии дипломатию мансабдорони баландпояи давлатӣ анҷом дода мешаванд; зарар расонидан ба моликияти давлатӣ ва вайрон намудани воситаҳои нақлиёт; ҳама гуна амалҳое, ки ҳаёти инсонро зери хатар қарор медиҳад».[1]

Олими рус Е.А. Степанова дар таҳқиқоти худ кӯшиш намудааст, ки тафовути терроризм ва терророро ба таври амиқу дақиқ нишон диҳад. Ӯ иброз медорад, ки «терроризм тактикаи неруҳои сиёсии ғайридавлатие мебошад, ки барои расидан ба мақсадҳои сиёсии худ онро истифода менамоянд. Террор бошад амалҳои репрессивии давлат аст, ки дар муқобили тундгароён истифода мешавад».[2] Дар баъзе сарчашмаҳои илмӣ вобаста ба тафовути террор ва терроризм андешаҳои ҷолиби диққат мавҷуданд. Масалан, С.У. Дикаев иброз медорад, ки террор – падидаи умумӣ, терроризм – падидаи махсус ва амали террористӣ – падидаи ягона мебошанд. О.В. Будинский иброз медорад, ки террор ба таври кушод ва намоишкорона ба амал бароварда мешавад, аммо терроризм ба таври пинҳонӣ ва дар шакли амалҳои ғайриқонунӣ зоҳир мегардад. Муҳаққиқони дигар терророро ҳамчун падидаи иҷтимоию сиёсии дар ҳудуди як мамлакат амалишаванда, ва терроризмро ҳамчун амали иртиҷоии зиддибухронӣ ва берун аз ҳудудҳои миллӣ зоҳиршаванда донистаанд.

Яке аз хусусиятҳои дигари терроризми замони муосир дар он ифода меёбад, ки дар он террористони худкуш хеле зиёд истифода бурда мешаванд. Барои истифода намудани занону кӯдакон ташкилотҳои террористӣ дастовардҳои навини илмҳои психологиро истифода намуда, онҳоро мағзшӯӣ мекунанд ва барои анҷом додани амали террористӣ омода месозанд. Кам нестанд ҳолатҳое, ки барои омода намудани чунин террористони худкуш лагерҳои махсус таъсис додаанд ва дар он ҷо чунин нафаронро омода месозанд. Аммо дар баробари ин фанатизми динӣ низ барои истифодаи террористони худкуш заминаи мусоид ба шумор меравад. Истифодаи чунин террористон дар заминаи бунёдгароии динӣ ва тундгароии динӣ хеле зиёд ба назар мерасад.

---

[1] Международные конвенции по борьбе с терроризмом [Манбаи электронӣ]. – URL: http://www.elibrary.az/docs/JURNAL/jrn2008_568j.htm (Санаи муроҷиат: 25.12.2019 )

[2] Степанова, Е.А. Терроризм: проблемы определения и функционально-идеологическая типология [Текст] / Е.А. Степанова // Мировая экономика и международные отношения. – 2010. – №7. – С. 28.

Таҳлили асосҳои назариявию консептуалии терроризми замони муосир имкон дод, ки оид ба моҳият ва хусусиятҳои ин зуҳурот чунин хулосаҳо ба даст оянд: ҳарчанд то ба имрӯз назарияи ягонаи терроризм ташаккул наёфта бошад ҳам, олимону муҳаққиқон дар атрофи як қатор масъалаҳои марбут ба терроризм, аз ҷумла дар бораи унсурҳои таркибии он ба мувофиқа расидаанд: чунончи дар мавриди субъектҳои терроризм (давлатӣ ва ғайридавлатӣ), мақсадҳои терроризм (тарсонидани рақибон ва тағйир додани рафтори онҳо), объектҳои рамзии терроризм (аҳолии осоишта ва арзишҳои моддии ҷомеа), тактика (зӯроварӣ ва ё таҳдиди ба амал баровардани зӯроварӣ), натиҷаҳои интизорӣ (таъсир расонидан ба афкори ҷамъиятӣ ва тарсонидани онҳо).

Дар зербоби дуюми боби аввал – «**Заминаҳо ва омилҳои асосии ташаккули терроризм»** масъалаҳои дар зери омилҳои гуногун пайдо шудани терроризм баррасӣ мешавад. Муайян гардидани моҳияти терроризм барои баланд бардоштани самаранокии фаъолияти зиддитеррористӣ мусоидат менамояд, мушаххас кардани омилҳо ва заминаҳои пайдоиши терроризм имкон медиҳад, ки зуҳуроти ин падидаи номатлуб пешгирӣ карда шавад.

Таҳлили адабиёти илмӣ нишон медиҳад, ки олимону муҳаққиқон дар мавриди заминаҳои пайдоиши терроризм чунин падидаҳо ба монанди тундгароӣ ва ифротгароиро махсус таъкид менамоянд. Ба ибораи дигар, дилхоҳ ташкилоти террористӣ ва фаъолияти террористӣ хусусиятҳои ифротгароӣ ва тундгароӣ доранд. Бояд иқрор шуд, ки дар аксар маврид тундгароӣ ва терроризмро як мешуморанд, ки дар натиҷаи он баъзан нисбат ба терроризми замони муосир хулосаҳои нодуруст бароварда мешаванд. Олимони Ғарб барои ифодаи тундгароӣ мафҳуми «радикализм»-ро истифода намудаанд, ки он аз калимаи лотинии radix – реша пайдо шуда, намояндагону пайравони тағйиротҳои комилро ифода менамояд. Радикал, яъне тундгаро нафаре мебошад, ки ҷонибдори тағйиротҳои амиқ ва дигаргуниҳои фарогир аст. Ба ибораи дигар, тундгароён мехоҳанд, ки сохтори ҷамъиятӣ, аз ҷумла системаи сиёсии ҷомеаро пурра дигаргун намоянд. Дар марҳилаҳои аввали пайдоиши тундгароӣ гуфтан мумкин аст, ки он барои ҷомеа хавфу хатари бештар надорад. Зеро дар марҳилаҳои аввали пайдоиши худ тундгароӣ агар мақсади тағйир додани сохтори ҷамъиятиро дошта бошад ҳам, барои амалӣ намудани ин мақсад имкониятҳои лозима надорад. Аммо баъди оне, ки мақсадҳо ва имкониятҳои онҳо бо ҳам мувофиқат менамоянд, хатари тундгароӣ баръало эҳсос мегардад ва пеш аз ҳама, он ба сохтори конститутсионии давлат ва суботи сиёсии мамлакат таҳдид менамояд. Дар ин марҳилаи мубориза тундгароён дар муқобили рақибони худ усулҳои террористиро истифода мебаранд. Олими рус Н.Н. Афанасев иброз медорад, ки «агар тундгароён аз танқиди рӯирости низоми идоракунии давлатӣ ба нестун нобуд кардани он оғоз намоянд, пас бо боварии комил гуфтан мумкин аст, ки террорист ҳамон ифротгарои тундгаро мебошад».[1]

Ифротгароӣ дар заминаи тундгароӣ пайдо мешавад ва ба ибораи дигар тундгароӣ заминаҳои ғоявию идеологии ифротгароиро ташкил медиҳад. Аз ин рӯ гуфтан мумкин

---

[1] Афанасьев, Н.Н. Идеология терроризма [Текст] / Н.Н. Афанасьев // Социально-гуманитарные знания. – 2001. – №6. – С. 212.

аст, ки дилхоҳ шакли ифротгароӣ хусусияти тундгароӣ дорад. Яъне, ифротгароён ҳамон тундгароёне мебошанд, ки мехоҳанд ғояҳои худро ба таври ғайриқонунӣ дар амал татбиқ созанд. Чунин тарзи баррасии масъала бозгӯи он аст, ки мавҷудияти ҳизбу ҳаракатҳои тундгароӣ ва ифротгароӣ дар фазои сиёсии мамлакат хавфи зоҳир гардидани терроризмро низ ба вуҷуд меоварад. Зеро терроризм воситае мебошад, ки онро тундгароён ва ифротгароён дар раванди мубоshould ризаҳои сиёсӣ дар мавридҳои зарурӣ истифода менамоянд.

Яке аз омилҳои дигари пайдоиши терроризм низоъҳои мусаллаҳона ва минтақаҳои ноороми сайёра мебошанд. Омӯзиши ин масъала нишон дод, ки ташкилотҳои террористӣ дар кишварҳои ҷангзада фаъолияти худро ҷоннок намуда, ҳатто дар баъзе мавридҳо яке аз ҷонибҳои низоъро ташкил медиҳанд. Дар чунин шароит як қатор давлатҳои абарқудрат барои амалӣ намудани мақсадҳои геополитикии худро ҳизбу ҳаракатҳои террористию экстремистиро маблағгузорӣ намуда, пуштибонӣ мекунанд. Чунин ҳолат боиси бештар шудани созмонҳои террористӣ ва зиёд гардидани таҳдиду хатари террористӣ мешавад.

Дар баробари ҳамаи ин омилҳои дохилӣ низ метавонад ба афзоиши таҳдиду хатари терроризм сабабгор шаванд. Аз ҷумла, мушкилиҳои иҷтимоию иқтисодӣ, дар давраи гузариш қарор доштани ҷомеа, ба хориҷи кишвар ба муҳоҷирати меҳнатӣ сафар намудани шаҳрвандони кишвар, бекорӣ ва ғайраҳо масъалаҳое мебошанд, ки осебпазирии ҷомеаро дар муқобили созмонҳои террористию экстремистӣ бештар менамоянд. Аз ин рӯ, ҳалли масъалаҳои дохилии ҷомеа имкон медиҳанд, ки осебпазирии кишвар коҳиш дода шавад ва хавфу хатари терроризм ва амалҳои террористӣ то сатҳи зарурӣ аз байн бурда шаванд.

Зербоби сеюми боби якум – **«Махсусияти зуҳури амалҳои террористӣ дар олами муосир»** ба масъалаҳои терроризм шаклҳои зоҳиршавии амалҳои террористӣ бахшида мешавад. Таҳлили адабиёти илмӣ нишон медиҳад, ки муҳаққиқон вобаста ба объекти таҳқиқоти худ дар муносибат бо терроризм ва хусусиятҳои муҳимми он ибораҳои мухталифро истифода намудаанд. Аз ҷумла, терроризми динӣ, этникӣ, сиёсӣ, иттилоотӣ, психологӣ, инқилобӣ, аврупоӣ, осиёӣ, байналмилалӣ ва ғайра ба онҳо мисол шуда метавонанд. Ғайр аз ин, тӯли солҳои охир терроризм хусусиятҳои навро соҳиб гардида, дар шаклҳои гуногун зоҳир мегардад, ки бо назардошти чунин вазъият олимону муҳаққиқон навъҳои дигари онро ишора намуда истодаанд. Аз ҷумла, терроризми исломӣ, терроризми ҷиҳодӣ, терроризми фармоишӣ, кибертерроризм, терроризми компютерӣ ва ғайра.

Дар таҳқиқоти як қатор муҳаққиқон шаклҳои зоҳиршавии терроризм бо назардошти рушду инкишофи илму техника ва технологияҳои навин нишон дода шудааст. Чунончӣ, терроризми ядроӣ, терроризми химиявӣ, биотерроризм, кибертерроризм ва терроризми экологӣ нишон дода шудааст. Албатта, дар чунин маврид истифода гардидани технологияҳои мазкур аз ҷониби террористон, дар ихтиёри онҳо ва ё дастраси онҳо гардидани технологияҳои мазкур имкон медиҳад, ки амали террористӣ дар ин ё он шакл зоҳир гардад. Муҳаққиқи рус В.Е. Петришев ба масъалаи навъбандии терроризм таваҷҷуҳ намуда, дар таҳқиқоти худ чунин навъҳои терроризмро нишон додааст: терроризми давлатӣ ва ғайридавлатӣ, ҳукуматӣ ва

зиддиҳукуматӣ; байналмилалӣ ва дохилӣ; анъанавӣ ва технологӣ; сиёсӣ; динӣ; миллию этникӣ; ҷудоихоҳӣ; чапгаро ва ростгаро. Ба андешаи В.В. Лунеев бошад, фаъолияти террористии замони муосир ба чунин навъҳо ҷудо карда мешавад: сиёсӣ, ҷиноятӣ, миллӣ, байналмилалӣ, динӣ, давлатӣ, муташаккил ва тасодуфӣ.

Дар таҳқиқоти сиёсатшиноси эронӣ Меҳди Музаффарӣ дар бораи шаклҳои зоҳиршавии терроризм типологияи хеле ҷолиб пешниҳод шудааст. Ӯ терроризми инқилобӣ, репрессивӣ, ҷудоихоҳӣ ва байналмилалиро аз ҳам ҷудо намудааст. Ба ақидаи ӯ, терроризми инқилобӣ барои гузаронидани ислоҳот ва ба амал баровардани тағйироти сиёсӣ; терроризми репресивӣ барои фуруъ нишондани мухолифин; терроризми ҷудоихоҳӣ барои ба даст овардани мухторият ва ё истиқлолият ва терроризми байналмилалӣ барои тағйир додани тартиботи ҷаҳонӣ майл мекунад.

Масъалаи терроризми байналмилалӣ бошад яке аз шаклҳои асосӣ ва ҳам дорои таҳдиди пуриқтидор ба шумор меравад. Дар шароити ҷаҳонишавӣ субъектони дилхоҳ шакли терроризм қодиранд, ки бевосита ва ё ба воситаи шабакаҳои террористӣ дар миқёси ҷаҳонӣ амал намоянд. Дастовардҳои илму техникаи тамаддуни муосир ба ташкилотҳои террористӣ имконият додаанд, ки на танҳо аъзоёни худро аз ҳисоби сокинони мамолики гуногун ташаккул диҳанд, балки дар минтақаҳои алоҳидаи ҷаҳон ва аз нуқтаҳои гуногун дар муқобили шаҳрвандони хориҷӣ суиқасд ва ё зӯровариро истифода намоянд. Ташкилотҳои террористӣ дар шароити муосир дастовардҳои навини илму техникаро барои ба амал баровардани ҳодисаҳои террористӣ, омода намудани маводҳои тарканда, банақша гирифтани амалиёти террористӣ, анҷом додани корҳои таблиғотӣ, зиёд намудани пайравони худ самаранок истифода менамоянд.

Дар як қатор таҳқиқоти солҳои охир мафҳуми «терроризми муосир» истифода гардида истодааст. Муҳаққиқони ин масъала кӯшиш намудаанд, ки нишонаҳои терроризми муосирро баррасӣ намуда, онро аз шаклҳои пештар мавҷудаи терроризм фарқ намоянд. Чунончӣ, Е. Громогласова иброз медорад, ки «амали зӯроваронаи шахсони алоҳида, фаъолияти шабакавии террористон ва ҳуҷумҳои мусаллаҳона шаклҳои нави терроризм намебошанд. Онҳо дар тӯли чандин асри гузашта мавриди истифода қарор гирифтаанд. Ҳарчанд дар бораи пайдоиши терроризми муосир фикру андешаҳои мухталиф мавҷуд бошанд ҳам, ба сифати объекти асосӣ интихоб гардидани аҳолии осоишта нишонаи асосии он ба шумор меравад».[1] Яъне, дар гузашта террористон ба аҳолии осоишта ҳеҷ гоҳ ҳуҷум намекарданд. Аз ин рӯ, тарсонидани аҳолии осоишта ва ба сифати объекти рамзӣ интихоб намудани онҳо хоси терроризми замони муосир мебошад.

Дар боби дуюм – **«Фаъолияти террористӣ ва таъсири он ба суботи сиёсии ҷомеа»** аз се зербоб иборат буда, масъалаҳои ташаккул ва инкишофи низоми мубориза ба муқобили терроризм ва амалҳои террористӣ дар шароити ҳозира, хусусиятҳои мубориза бар зидди зуҳуроти гуногуни терроризм ва амалҳои террористӣ дар шароити Ҷумҳурии Тоҷикистон ва масъалаҳои рӯзмарраи фаъолияти зиддитеррористӣ ва пешомади инкишофи онҳо баррасӣ гардиданд.

---

[1] Громогласова, Е. Контртеррористическая борьба с позиций территориально-пространственного подхода [Текст] / Е. Громогласова // Международные процессы. – 2017. – Т. 15. – №4. – С. 136.

Дар зербоби якуми боби дуюм – «**Махсусиятҳои низоми мубориза ба муқобили терроризм ва амалҳои террористӣ дар шароити ҳозира»** кӯшишҳо ва хусусиятҳои мубориза бар зидди терроризм дар асоси ҳамкориҳои байнидавлатӣ ва минтақавӣ ошкор гардидааст.

Дар замони муосир барои аксари давлатҳои олам мубориза бо терроризм яке аз масъалаҳои мураккабтарини соҳаи таъмини амният ба шумор меравад. Дар ин марҳилаи давлатдорӣ ҳамаи кишварҳо таҳдиду хатари терроризмро эҳсос менамоянд. Аз ин рӯ, ҳар як давлат бо назардошти шаклҳои зоҳиршавии терроризм ва бо мақсади коҳиш додану пешгирӣ намудани оқибатҳои ногувори ин зуҳуроти номатлуб чораҳои гуногун меандешанд. Таҳлили таҷрибаи ҷаҳонӣ оид ба мубориза бо терроризм ва пешгирӣ намудани оқибатҳои он нишон медиҳад, ки аслан ин гуна фаъолият дар ду сатҳ: миллӣ ва байналмилалӣ роҳандозӣ мегардад.

Масъалаи таъмини суботи сиёсӣ яке аз ҳолати сиёсии кишвар ба шумор меравад, ки дар он низоми сиёсии идоракунӣ босамар фаъолият мекунад. Терроризм ва амалҳои террористӣ яке аз воситаҳои таъсиррасонӣ ба номуътадилгардии суботи сиёсӣ мебошанд. Суботи сиёсӣ ҳамчун ҳолати сифатии рушди ҷомеа, ҳамчун як низоми муайяни иҷтимоӣ, ки дар он системаи робитаҳо ва муносибатҳо ҳукмфармост, умумият ва муттасилии ҳадафҳо, арзишҳо ва воситаҳои татбиқи онҳоро инъикос мекунад, муаррифӣ карда мешавад. Дар баробари ин, субот қобилияти субъектҳои ҳаёти иҷтимоию иқтисодӣ ва сиёсӣ барои муқовимат ба амалҳои дохилӣ ва беруние, ки системаро вайрон мекунанд, фаҳмида мешавад. Дар ин фаҳмиш, устуворӣ ҳамчун муҳимтарин механизми таъмини ҳаёт барои рушди системаи иҷтимоӣ қабул карда мешавад.

Дар охири солҳои 1990 дар сатҳи байналмилалӣ барои пешгирӣ намудани зуҳуроти террористӣ ташаббусҳои гуногун ба амал бароварда мешаванд, аммо онҳо натиҷаҳои дилхоҳ ба бор намеоваранд. Ба ҳамаи ин нигоҳ накарда, соли 1997 СММ «Созишномаи байналмилалӣ дар бораи мубориза бо терроризми бомбавӣ» ва соли 1999 «Созишномаи байналмилалӣ дар бораи мубориза бо сармоягузории терроризм»-ро қабул менамояд. Ҳатто соли 1999 Шурои Амнияти СММ дар Эъломияҳои №1267 ва №1269 аз ҳаракати «Толибон» талаб менамояд, ки аз пуштибонӣ ва паноҳандагии террористон даст кашад. Инчунин пешниҳод мегардад, ки ҳамаи сарчашмаҳои сармоягузорие, ки барои фаъолияти ҳаракати «Толибон» равона шудаанд, пурра қатъ карда шаванд. Чунин эъломия соли 2011 дар муносибат бо ташкилоти террористии «Ал-Қоида» ва соли 2015 дар муносибат бо ташкилоти террористии «Давлати исломӣ» низ қабул гардидааст.

Баъди солҳои 2010 дар самти амалигардонии лоиҳаи байналмилалии «Ҷанг бо терроризм» дигаргуниҳои ҷиддӣ ба амал меоянд. Дар ин давра дар муқобили ташкилотҳои террористӣ бори аввал микёси васеи неруҳои ҳарбии давлатҳои алоҳида ва неруҳои мусаллаҳи байналмилалӣ истифода бурда мешавад. Чунин шароит бо он асоснок мегардид, ки ташкилотҳои террористӣ на дар ҳудуди як давлат, балки дар қаламрави давлатҳои гуногун мавқеи худро мустаҳкам намуда буданд. Ташкилотҳои террористии Толибон, ДИИШ, Таҳрики Толибон, Боко Ҳарам, Лашкари ҷангӣ, Ҷабҳат-ан-Нусра, Аш-Шабоб ва дигарон на танҳо дар фаъолиятҳои худ усулҳои террористиро

истифода менамуданд, балки фаъолияти онҳо хусусияти низомӣ пайдо карда, дар кишварҳои гуногун яке аз ҷонибҳои низоъро ташкил медоданд.

Яке аз сохторҳои байналмилалие, ки дар самти мубориза бо терроризм нақши фаъол мегузорад, ин ташкилоти байниҳукуматии FATF[1] мебошад. ФАТФ гурӯҳи корие мебошад, ки барои пешгирӣ намудани пулшӯӣ ва ҷиноятҳои бо он алоқаманд барои давлатҳои олам меъёрҳои молиявӣ каркард ва пешниҳод менамояд. Ин ташкилот соли 1989 бо ташаббуси кишварҳои «Ҳафтгонаи бузург» таъсис дода шудааст. Дар рӯйхати сиёҳи соли 2020 чопшуда Эрон ва Кореяи Шимолӣ ворид ҳастанд. Ин ду кишвар аз соли 2011 то инҷониб дар ин рӯйхат шомил мебошанд. Инчунин ба Покистон, ки дар рӯйхати норавшан шомил аст, ҳушдор дода шудааст, ки сиёсати молиявии худро тағйир диҳад, вагарна дар рӯйхати сиёҳ ворид карда мешавад. Айни замон 18 давлати дигар: Албания, Ҷазираҳои Багам, Барбадос, Ботсвана, Камбоджа, Гана, Исландия, Ямайка, Маврикий, Монголия, Мянмар, Никарагуа, Покистон, Панама, Сурия, Уганда, Яман ва Зимбабве дар рӯйхати норавшан шомил мебошанд.[2]

Дар зербоби дуюми боби дуюм – **«Хусусиятҳои мубориза бар зидди зуҳуроти гуногуни терроризм ва амалҳои террористӣ дар шароити Ҷумҳурии Тоҷикистон**» ба ташаккул ва инкишофи фаъолияти зиддитеррористии Тоҷикистон дар сиёсати дохилӣ ва хориҷии кишвар баррасӣ гардидааст.

Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон солҳои 1992-1997 дар натиҷаи ҷанги шаҳрвандӣ зиёда аз 100 ҳазор нафар ҷони худро аз даст дода, бештар аз 100 ҳазор нафари дигар гуреза шуданд ва хисороти аз ин ҷанг расонидашуда бо қурби асъори он давра зиёда аз 7 млрд долларро ташкил намудааст. Гузашта аз ин ҷанги шаҳрвандӣ рушди соҳаҳои гуногуни мамлакатро осебпазир намуда, кишварро ба даҳсола қафо кашид. Чунин ҳолатро ба инобат гирифта, муҳаққиқи рус Л.Е. Василев иброз медорад, ки «дар натиҷаи ҷанги шаҳрвандӣ ҳокимияти марказӣ чунон заиф гардида буд, ки қудрати пурра зери назорат қарор додани сарҳадҳои давлатӣ ва вазъи дохилии кишварро надошт. Чунин ҳолат ба тундгароёни исломӣ имконият медод, ки бо хориҷи мамлакат озодона робита барқарор намуда, дар минтақаҳои гуногуни кишвар лагерҳои ҳарбӣ ташкил намоянд. Ин буд, ки чӣ дар солҳои ҷанги шаҳрвандӣ ва чӣ дар солҳои минбаъда вазъият дар дохили мамлакат ва минтақаи Осиёи Марказӣ муташанниҷ гардида буд».[3] Бо андешаҳои мазкур қисман розӣ шудан мумкин аст. Зеро кафили сулҳу субот ва ҳолати ҳимоятшавандагии сарҳадоти давлатию тартиботи ҷамъиятӣ аз иқтидори зарурии сохторҳои қудратӣ ва мақомоти ҳифзи ҳуқуқ вобастагӣ дорад. Аммо дар шароити муосир ба ғайр аз ин, инчунин омилҳои иҷтимоию иқтисодӣ, идеологию фарҳангӣ низ дар ин самт таъсиргузоранд, ки дар самти мубориза бо терроризм ва тундгароӣ бояд пурра ба инобат гирифта шаванд.

Ҷумҳурии Тоҷикистон барои амалӣ намудани уҳдадориҳои байналмилалии худ аз соли 2018 то имрӯз се маротиба ташаббускори баргузории конфронсҳои сатҳи

---

[1] Ниг.: Financial Action Task Force on Money Laundering — FATF

[2] Ниг.: Черный и серый список FAFT на 21 февраля 2020 года [Манбаи электронӣ]. – URL: http://hbcomp.com.ua/about/law_library/4980/ (Санаи мурочиат: 21.06.2020)

[3] Васильев, Л.Е. Проблемы безопасности в Восточной Евразии: борьба с терроризмом, сепаратизмом и экстремизмом [Текст] / Л.Е. Васильев. – М., 2009. – С. 99.

баланд оид ба мубориза бо терроризм шудаанд. Бори аввал рӯзҳои 3-юм ва 4-уми майи соли 2018 дар шаҳри Душанбе бо ташаббуси Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва мушорикати Созмони Милали Муттаҳид (СММ), Созмони Амният ва Ҳамкорӣ дар Аврупо (САҲА) ва Иттиҳоди Аврупо Конфронси байналмилалӣ таҳти унвони «Муқовимат бо терроризм ва ифротгароии хушунатомез» баргузор гардид. Бори дуюм 16-17 майи соли 2019 дар Душанбе Конфронси сатҳи баланд таҳти унвони «Ҳамкории байналмилалӣ ва минтақавӣ дар мубориза бо терроризм ва манбаъҳои маблағгузории он, аз ҷумла гардиши ғайриқонунии маводи мухаддир ва ҷинояткории муташаккил» баргузор гардид. Чорабинии мазкур аз ҷониби Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ҳамкорӣ бо СММ, Иттиҳоди Аврупо, САҲА ва дигар шарикони байналмилалӣ доир гардид. Дар ин ҳамоиш намояндагони 50 кишвар ва беш аз 27 созмони байналмилалӣ ва минтақавӣ ширкат намуданд. Бори сеюм 18 октябри соли 2022 дар шаҳри Душанбе Конфронси байналмилалӣ таҳти унвони «Ҳамкории байналмилалӣ ва минтақавӣ оид ба амният ва мудирияти сарҳад ҷиҳати муқовимат ба терроризм ва пешгирӣ аз ҳаракати террористҳо» баргузор гардид.

Таҳлилу мушоҳидаҳо нишон медиҳанд, ки фаъолияти террористӣ солҳои охир шакли зоҳиршавии худро тағйир дода, бо роҳу усулҳои нав мақсадҳои хешро пайгирӣ намуда истодаанд. Аз ҷумла, ташкилотҳои террористию экстремистӣ айни замон тавассути шабакаи интернет ғояҳои худро ба таври густурда таблиғ намуда, барои бештар кардани ҷонибдорони хеш ҳамарӯза фаъолияти пинҳонӣ ва манипулятсионӣ анҷом медиҳанд. Дар муқобили суботи сиёсии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва шаҳрвандони мамлакат ҳамарӯза ҳуҷумҳои иттилоотии террористӣ анҷом дода мешаванд. Барои мисол, ТЭТ ҲНИ, ташкилоти террористию экстремистии бо ном «Паймони миллии Тоҷикистон», созмони экстремистии «Гурӯҳи 24», ТЭТ «Ихвон-ул-муслимин», ҷараёни Салафия ва монанди инҳо барои бештар намудани мухолифони давлату ҳукумат кӯшиш намуда, ба сафҳои худ ҷавонони ноогоҳро ҷалб намуда истодаанд. Моҳи сентябри соли 2021 дар Ҷумҳурии Исломии Афғонистон ба сари қудрат омадани ҳаракати Толибон ташкилотҳои террористии номбаргардидаро руҳбаланд намуда, ҳузури онҳоро дар шабакаҳои иҷтимоии интернетӣ бештар кардааст. Дар чунин шароит хавфи тавассути чунин созмонҳо дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ташкил намудани инқилобҳои ранга, аз байн бурдани суботи сиёсӣ ва интиқол додани низоъҳои мусаллаҳона ба минтақаи Осиёи Марказӣ ба мушоҳида мерасад.

Дар зербоби сеюми боби дуюм «**Масъалаҳои рӯзмарраи фаъолияти зиддитеррористӣ ва пешомади инкишофи онҳо**» масъалаҳои ташаккули фаъолияти зиддитеррористӣ ва роҳҳои пешгирии терроризм ҳамчун хатар ба суботи сиёсии ҷомеа андешаҳо иброз гардидаанд.

Терроризм, террор ва амалҳои террористӣ дар шароити ҳозира яке аз таҳдидҳои пуриқтидори ҳаёти ҷамъиятӣ боқӣ мемонад. Чунин ҳолатро ба инобат гирифта, дар аксари мамлакатҳои олам низоми фаъолияти зиддитеррористӣ ташаккул дода мешавад. Аммо амалияи татбиқи чунин фаъолиятҳо нишон медиҳад, ки онҳо камбудию норасогиҳои зиёд доранд ва чунин ҳолатро бо ду омил асоснок намудан мумкин аст: Якум, давлатҳо сиёсати зиддитеррористии худро ба таври инкременталӣ (саросемавор) ташаккул медиҳанд, ки дар чунин шароит имкони таҳлилу ташхис

намудани ҳама гуна маълумоти мавҷуда аз даст меравад; дуюм, фаъолияти террористӣ марҳила ба марҳила тағйир меёбад ва худро бо дигаргуниҳои ҳаёти ҷамъиятӣ мутобиқ месозад. Масалан, айни замон истифода гардидани технологияҳои иттилоотӣ аз ҷониби террористон. Инчунин дар оянда низ хавфи истифода шудани яроқи қатли ом аз ҷониби онҳо аллакай ба вуҷуд омадааст.

Дар маҷмуъ, таҳлилу баррасии фаъолияти зиддитеррористӣ ва амалкардҳои давлатҳои алоҳида оид ба мубориза бо терроризм нишон медиҳад, ки то имрӯз аслан се навъи муносибат дар ин самт ташаккул дода шудааст: якум, ба роҳ мондани фаъолияти зиддитеррористӣ дар доираи фаъолияти полис ва сохторҳои тафтишотӣ. Чунин усули мубориза хоси кишварҳои аврупоӣ мебошад. Дар чунин шароит консепсияи терроризм дар заминаи ҳуқуқи ҷиноятӣ ташаккул дода шуда, тибқи он амали террористӣ зуҳуроти такроршаванда мебошад ва онро пешгирӣ намудан ғайриимкон аст. Бинобар ин, террористон бояд зери пайгард қарор гиранд ва тибқи қонунгузории давлат ба ҷавобгарии ҷиноятӣ кашида шаванд. Ин ҷо мушоҳида намудан мумкин аст, ки як нафар замоне зери пайгард қаро мегирад, ки агар аллакай амали террористӣ содир намуда бошад. Аммо чунин тарзи муносибат ба талаботи имрӯза, бахусус ба манфиатҳои ҷамъиятӣ ҷавобгӯ нест.

Муносибати дуюм терроризмро ҳамчун бемории иҷтимоӣ муаррифӣ менамояд, аз ин рӯ, дар доираи ин гуна чорабиниҳо кӯшиш ба харҷ дода мешавад, ки сабабҳои ба амал омадани терроризм муайян карда шаванд. Дар ин раванд, муҳите, ки дар он гурӯҳҳои террористӣ ташаккул меёбанд ва дастгирӣ мегарданд, сабаби асосии пайдоиши ин зуҳурот дониста мешавад. Чунин муносибат тақозои онро менамояд, ки дар самти мубориза бо терроризм стратегияҳои дарозмуддат қабул гарданд ва ҳама гуна тафриқаҳои иҷтимоӣ аз байн бурда шаванд.

Муносибати сеюм, терроризмро ба мисли ҷангҳои мусаллаҳона муаррифӣ намуда, истифодаи қувваҳои ҳарбиро ҳамчун усули пешгирикунанда дуруст мешуморад. Амалиёти зиддитеррористие, ки тӯли ду даҳсолаи охир дар муқобили ташкилотҳои террористӣ, давлатҳои алоҳидае, ки гӯё созмонҳои террористиро маблағгузорӣ мекунанд ва ҳатто аз сари қудрат дур намудани роҳбарияти чунин давлатҳо дар доираи ин стратегия ҳамчун усули пешгирикунанда дониста мешаванд. Дар муносибат бо терроризми байналмилалӣ стратегияи мазкур пурра мувофиқат менамояд. Зеро амалҳои террористие, ки дар кишварҳои гуногуни олам рух додаанд, аз террори глобалӣ гувоҳӣ медиҳанд ва дар муқобили чунин зуҳурот истифода намудани неруҳои мусаллаҳро ҳақ мебароранд.

Терроризм ва амалҳои террористӣ барои расидан ба мақсадҳои сиёсӣ роҳандозӣ мегарданд. Бинобар ин, ҳама гуна амали террористиро фаротар аз амалҳои ҷиноятӣ тасаввур намудан зарур аст. Ин аст, ки ҳуқуқи ҷиноятӣ дар мубориза бо терроризм ҳамчун яроқи заиф вонамуд мешавад ва дар аксар маврид пеши роҳи амалҳои террористиро гирифта наметавонад. Баръакс, аз байн бурдани инфрасохтори террористӣ ва шабакаҳои фаъолияти террористӣ тақозои онро менамояд, ки дар баробари ҳуқуқи ҷиноятӣ инчунин механизмҳои дипломатӣ, истифодаи қувваҳои мусаллаҳ ва сохторҳои қудратӣ, чорабиниҳои густурдаи иҷтимоӣ, иттилоотӣ, иқтисодӣ ва фарҳангӣ ба роҳ монда шаванд.

# ХУЛОСА

## Натиҷаҳои асосии илмии таҳқиқот

Терроризм ҳамчун падидаи иҷтимоию сиёсӣ дар шароити муосир дар миқёси хеле васеъ зоҳир гардида, на танҳо дар сатҳи миллӣ, балки дар сатҳи байналмилалӣ аз ҷониби неруҳое, ки мақсадҳои сиёсӣ доранд, ҳамчун яроқ ва воситаи мубориза истифода бурда мешавад. Аз ин рӯ, гуфтан мумкин аст, ки дар шароити навини давлатдорӣ терроризм ҳамчун таҳдиди пуриқтидор ба суботи сиёсӣ ва амнияти миллии давлат ба шумор меравад. Гузашта аз ин, ташкилотҳои террористӣ аз сатҳи миллӣ ба сатҳи фаромиллӣ ва байналмилалӣ баромада, ба равандҳои сиёсии замони муосир таъсири амиқ мерасонанд. Терроризми замони муосир, ки онро дар аксар маврид «терроризми байналмилалӣ» меноманд, ҳамчун стратегияи муборизаи сиёсӣ на танҳо ба давлатҳои алоҳда, балки ба низоми муносибатҳои байналмилалӣ таъсири амиқ расонида, дар самти амалигардонии ҳамкориҳои хориҷии давлат, бевосита таъсиргузорӣ менамояд. Таҳлили адабиёти илмӣ нишон медиҳад, ки терроризми замони муосир дар муқоиса бо терроризми даврахои дигари таърихӣ дар зери таъсири омилҳои гуногуни тамаддуни муосир хеле мураккаб гардидааст. Масалан, рушди технологияҳои иттилоотию коммуникатсионӣ ба онҳо имконият додаанд, ки фаъолияти худро ба таври шабакавӣ ба роҳ монанд. Маҳз фаъолияти шабакавӣ ба онҳо имкон медиҳад, ки дар минтақаҳои гуногуни олам зершохаҳои худро ташаккул диҳанд ва ба ин васила мақсадҳои худро амалӣ созанд. Ғайр аз ин, шабакаи интернет, инқилобҳои технологӣ ва рушди илму техника ба террористон имкон додааст, ки дастовардҳои навини илмро барои амалӣ намудани мақсадҳои худ истифода намоянд ва мутахассисони соҳаҳои гуногунро ба сафҳои худ ҷалб созанд. Махсусан, аз ҷониби як зумра давлатҳо истифода гардидани терроризм ҳамчун воситаи амалигардонии мақсадҳои геополитикӣ ва геострагии онҳо, имкон намедиҳад, ки мубориза бо ин падидаи номатлуб натиҷаҳои дилхоҳ ба бор оварад. Зеро давлатҳое, ки чунин стратегияи муборизаро интихоб кардаанд, на танҳо барои аз байн бурдани терроризм майл надоранд, балки онҳоро ба таври пинҳонӣ ҳам, ки бошад, ҷонибдорӣ ва маблағгузорӣ менамоянд. Дар чунин шароит терроризм ҳамчун яроқест, ки акторҳои геополитикӣ ва неруҳои сиёсӣ онро дар муқобили рақибони худ истифода мебаранд. Бояд иқрор шуд, ки дар шароити муосир ҷангҳо характери гибридӣ доранд ва дар раванди муборизаҳои геополитикӣ дар баробари яроқи оташфишон навъҳои дигари яроқ, аз ҷумла яроқҳои идеологӣ, иттилоотӣ ва стратегӣ низ истифода бурда мешаванд. Дар чунин шароит терроризмро ҳамчун яроқи стратегӣ муаррифӣ намудан мумкин аст. Дар маҷмӯъ, аз субъектҳои минтақавӣ сар карда, то субъекти сиёсати ҷаҳонӣ на танҳо дар муқобили терроризм мубориза мебаранд, балки онро дар мавридҳои зарурӣ маблағгузорӣ намуда, барои амалӣ кардани ҳадафҳои стратегии худ истифода менамоянд. Аз ин рӯ, мубориза бо терроризм дар шароити муосир аз ҳарвақта дида мураккабтару ҷиддитар гардидааст [1-М].

Ғайр аз ин, терроризм дар шароити муосир ба ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд, ба арзишҳои низоми демократӣ ва ниҳодҳои демократии ҷомеа ба таври ҷиддӣ таҳдид менамояд. Зеро яке аз хусусиятҳои дигари терроризми замони муосир дар он ифода меёбад, ки террористон аҳолии осоишта ва шаҳрвандони қаториро ҳамчун объекти рамзӣ интихоб намуда, ба воситаи тарсонидани онҳо ба мақомоти давлатӣ таъсиррасонӣ

менамоянд. Гузашта аз ин, дар шароити муосир бори аввал террористон барои аз байн бурдани сохтори конститутсионии давлат ва ташкил намудани давлати исломӣ кӯшиш намуда истодаанд. Махсусан, барои тундгароёни исломӣ аз байн бурдани сохтори сиёсии демократӣ ҳадафи асосии онҳо мебошад. Ба ғайр аз ин, дар зери таъсири терроризм ва тавсеаи он ба бухрон гирифтор гардидани ниҳодҳои демократии замони муосир падида ва ё тамоюлоти нав мебошад. Ҳатто дар давлатҳои демократитарини олам, ба мисли ИМА ва кишварҳои Аврупои Ғарбӣ низ аллакай тӯли чанд соли охир, махсусан, баъди дар ин кишварҳо ба амал омадани амалҳои террористӣ, як қатор қонунҳо ва маҳдудиятҳое ҷорӣ гардидаанд, ки онҳо барои маҳдуд намудани ҳуқуқу озодиҳои инсон нигаронида шуда буданд. Дар маҷмуъ, айни замон на танҳо давлатҳои тараққикарда, балки давлатҳои рӯ ба тараққӣ низ аз лиҳози таъсири терроризм осебпазирии муайяне доранд ва барои пешгирӣ намудани онҳо дар муқобили ин падида мубаризаи беамон анҷом медиҳанд. Дар аксар маврид терроризми замони муосирро дар алоқамандӣ бо ҳизбу ҳаракатҳои исломӣ ва зери шиорҳои исломӣ шарҳ медиҳанд. Ҳатто як гурӯҳ олимон мафҳуми «терроризми исломӣ» ва «тундгароии исломӣ»-ро истифода менамоянд. Бояд ёдовар шуд, ки терроризм на танҳо хоси ислом, балки дар тамоми динҳо ва тамаддунҳо онро мушоҳида намудан мумкин аст. Аммо дар шароити муосир терроризме, ки аз ҷониби ҳизбу ҳаракатҳои исломӣ истифода мешаванд, таъсири бештар ва оқибатҳои ногувортар дорад. Ба ибораи дигар, ташкилотҳои террористии дорои характери исломӣ аз қабили «Ал-Қоида», «Толибон», «Давлати исломӣ», «Бародарони мусулмон» ва ғайраҳо дар ҷаҳони муосир дар сатҳи байналмилалӣ таъсири амиқ расонида истодаанд [2-М].

Масъалаи мубориза бо терроризм айни замон яке аз самтҳои афзалиятноки сиёсати давлатӣ ва ҳамкориҳои хориҷии ҳар як давлатро ташкил медиҳад. Пешбурди чунин навъи сиёсат ба хотири таъмини амният ва бехатарии шаҳрвандон, нигоҳ доштани оромӣ ва суботи сиёсии ҷомеа ва пешгирӣ намудани сар задани амлҳои террористӣ мебошад. Барои таъмин намудани самаранокии чунин сиёсат ва ҳамзамон барои муборизаи гуногунсамт анҷом додан бо ин падида, пеш аз ҳама, моҳият, мундариҷа ва дигар хусусиятҳои падидаи терроризмро бояд таҳлилу таҳқиқ кард. Маҳз омӯзиши ин мушкилот имкон медиҳад, ки на танҳо хусусияти терроризм, балки сабабҳо, асосҳо ва шароити фаъолияти он, инчунин раванди мубориза бо ин зуҳурот муайян карда шавад. Дар баробари ҳамаи ин бояд осебпазирии терроризм низ муайян карда шавад. Агар осебпазирии терроризм муайян шавад, мубориза бо ин падида самараи дилхоҳ медиҳад [4-М].

Мубориза бар зидди зуҳуроти гуногуни терроризм ва амалҳои террористӣ дар шароити Ҷумҳурии Тоҷикистон хусусиятҳои хоси худро дорад. Таҳқиқи ин масъала нишон дод, ки ташаккули терроризм ва ба амал омадани ҳамлаҳои террористӣ аз рӯйи нишонаҳо ва хусусиятҳои худ ба се марҳилаи асосӣ рост меоянд.

Дар марҳилаи якум, ки бо солҳои ҷанги шаҳрвандӣ рост меояд, амалҳои террористӣ аз ҷониби гурӯҳҳои ҷиноятии силоҳбадаст анҷом дода мешуд. Дар ин давра ба қатл расонидани арбобони давлатӣ, олимону донишмандон, асир гирифтан, ғорату шиканҷаи аҳолии осоишта, суиқасд, тарконидан ва ғайра хеле зиёд рух додааст.

Марҳилаи дуюми мубориза бо терроризм ва амалҳои террористӣ баъди ба имзо расидани Созишномаи истиқрори сулҳ ва ризоияти миллӣ оғоз мегардад. Дар ин давра як зумра дастаҳои ҷиноятпеша аз оштии миллии тоҷикон норозигӣ баён намуда, қонунҳои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистонро эътироф намекарданд. Сохторҳои қудратии кишвар барои аз байн бурдани таҳдиду хатари чунин дастаҳои ҷиноятпеша корҳои заруриро анҷом дода, онҳоро қисман ба ҳаёти мулкӣ ва қисман безарар гардониданд. Аммо баъд аз оне, ки неруҳои қудратии кишвар тамоми ҳудудҳои Тоҷикистонро зери назорати худ даровvarданд, ташкилотҳои террористию экстремистӣ ба фаъолияти пинҳонию таблиғотӣ оғоз намуданд. Дар ин давра Додгоҳи Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон маҷбур гардид, ки рӯйхати чунин ташкилотҳоро таҳия созад ва фаъолияти онҳоро дар ҳудудҳои кишвар мамнуъ эълон кунад.

Марҳилаи сеюм аз соли 2016, аниқтараш аз замоне, ки ташкилотҳои террористию экстремистӣ барои анҷом додани фаъолияти тахрибии худ технологияҳои иттилоотиро истифода намудаанд, оғоз мегардад. Дар ин давра шакли нави терроризм – терроризми иттилоотӣ пайдо мегардад. Айни замон низ ҳамарӯза аз ҷониби як зумра ташкилотҳои террористӣ, аз ҷумла аз ҷониби ТЭТ ҲНИ, ТЭТ бо ном «Паймони миллии Тоҷикистон», созмони экстремистии «Гурӯҳи 24», ТЭТ «Ихвон-ул-муслимин», ҷараёни Салафия ва чанде дигарон ҳуҷумҳои иттилоотӣ дар муқобили шаҳрвандони Тоҷикистон ва суботи сиёсии кишвар анҷом дода мешаванд. Бо дарки чунин вазъият Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, бахусус сарвари давлат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон барои тақвият додани фаъолияти зиддитеррористӣ ба мақомоти дахлдор дастуру супоришҳои мушаххас додаанд. Аз ҷумла 23 декабри соли 2022 дар Паёми навбатии худ ба мақомоти қудратии кишвар дастур доданд, ки ҷиҳати пешгирӣ намудани ҷиноятҳои хусусияти экстремистиву террористидошта ва ҷиноятҳое, ки бо истифодаи технологияҳои иттилоотиву коммуникатсионӣ содир карда мешаванд, Маркази ягонаи иттилоотӣ таъсис диҳанд [4-М].

**Тавсияҳо оид ба истифодаи амалии натиҷаҳои таҳқиқот**

Дар асоси хулосабарориҳои илмии воқеияти терроризм ва таъсири он ба суботи сиёсии ҷомеа чунин тавсияҳои хосияти амалидошта пешниҳод мегарданд:

– низоми самараноки фаъолияти зиддитеррористӣ замоне имконпазир мегардад, ки агар мафҳумҳои «террористи хориҷӣ» ва «террористи дохилӣ» ҳамчун субъекти мушаххас муайян карда шаванд ва шинохти онҳо имконпазир гарданд. Чунин иқдом имкон медиҳад, ки муайян намудани ҳадафҳои террористии ин гуна ашхос пеш аз рух додани амали террористӣ ошкор карда шавад;

– чораҳои пешгиринамоии зуҳуроти терроризм ҳамчун марҳилаи аввали фаъолияти зиддитеррористӣ бояд мукаммал гардонида шаванд. Чораҳое, ки дар ин самт андешида мешаванд, бояд ҷамъоварии маълумоти инфиродӣ, таҳлилу ташхиси онҳо, муайян намудани унсурҳои шубҳаноки он ва муайян кардани иштироки бавоситаи фард дар шабакаҳои террористиро бояд дар бар гиранд;

– таҳлилу баррасии махсусиятҳои фаъолияти зиддитеррористии давлатҳои гуногун нишон дод, ки дар ҳар кишвари алоҳида муносибат бо терроризм ва амалҳои террористӣ бо назардошти манфиатҳои миллию геополитикии онҳо ташаккул дода мешавад. Ӯҳдадориҳои байналмилалӣ, чораҳои эҳтиётӣ ва иловагие, ки дар эъломияҳои

Шурои амнияти СММ муайян гардидаанд, аз ҷониби давлатҳои алоҳида интихобан истифода бурда мешаванд. Дар чунин шароит нисбат ба терроризм на танҳо сиёсати дугона арзи ҳастӣ менамояд, балки дар бисёре аз мавридҳо барои пешгирии амалҳои террористӣ имкон намедиҳад. Аз ин рӯ, Ҷумҳурии Тоҷикистонро низ зарур аст, ки ба хотири таҳкими суботи сиёсӣ ва ҳифзи сохтори конститутсионии давлат роҳу усулҳои мубориза бо терроризмро бо назардошти манфиатҳои миллии кишвар роҳандозӣ намояд;

– ҷустуҷӯ ва ошкор намудани ячейкаҳои хуфтаи террористӣ бояд бо роҳу усулҳои нав ба роҳ монда шавад. Дар ин самт ҷоннок намудани ҳамкории сохторҳои қудратӣ бо ҷомеаи шаҳрвандӣ, тавассути онҳо ба даст овардани маълумот дар бораи рафтори шубҳаноки сокинони мамлакат, мониторинги шабакаҳои иҷтимоӣ, зери назорати ҷиддӣ қарор додани амалу рафтори шахсони аз хориҷ ба кишвар омада, бахусус ба кишварҳое, ки фаъолнокии баланди террористӣ доранд, сафар менамоянд, хеле зарур мебошад;

– чӣ гунае ки маълум аст, ҷанбаи ғоявии терроризмро ҷараёнҳои идеявии экстремистӣ ва радикалистӣ ташкил медиҳанд. Бинобар ин, барои ифротгароён ва тундгароён террористон лозиманд. Аз ин рӯ, онҳо тавассути шабакаҳои иҷтимоӣ ва мубаллиғони худ ба мағзшӯии ҷавонон машғул ҳастанд, то ки онҳоро ба сафҳои худ ҷалб намоянд. Бояд пеши роҳи чунин тамоюлот низ гирифта шавад ва ин гуна амалкард ҳамчун фаъолияти зиддитеррористӣ эътироф гардад.

– роҳҳои пешгирии терроризм ва амалҳои террористӣ бо фаъолияти муассири давлат дар самти ташаккули низоми мубориза бо ин зуҳурот, пеш аз ҳама, бо чунин масъалаҳо аз қабили таҳкими заминаи идеологии зиддитеррористӣ, ташаккули ватандӯстӣ ва ҳувияти миллӣ, эҳтиром ба арзишҳои миллию динӣ, тарғиби ташкили барномаҳои давлатӣ ва баланд бардоштани нақши ниҳодҳои ҷомеаи шаҳрвандӣ дар мубориза бар зидди терроризму ифротгароӣ, тавсеаи фаъолияти мақомоти ҳифзи ҳуқуқ дар мубориза бо терроризм дар миқёси ҷаҳонӣ дар асоси санадҳои байналмилалӣ ва инчунин зарурати дар ин самт баланд бардоштани зиракии сиёсии шаҳрвандони кишвар бармеояд.

## ФЕҲРИСТИ ИНТИШОРОТИ ДОВТАЛАБИ ДАРЁФТИ ДАРАҶАИ ИЛМӢ

### I. Мақолаҳои илмие, ки дар маҷаллаҳои тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон чоп шудаанд:

[1-М]. Мадвалиев, Ҷ.А. Моҳият ва хусусиятҳои муҳимми терроризми муосир [Матн] / Ҷ.А. Мадвалиев // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва ҷамъиятӣ. – 2020. – № 2. – С. 309-316. ISSN: 2413-5151

[2-М]. Мадвалиев, Ҷ.А. Терроризм ва террор: тафовутҳо ва нишонаҳои фарққунандаи онҳо [Матн] / Ҷ.А. Мадвалиев // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва ҷамъиятӣ. – 2020. – №7. – С. 333-338. ISSN: 2413-5151

[3-М]. Мадвалиев, Ҷ.А. Шаклҳои зоҳиршавии терроризм дар замони муосир [Матн] / Ҷ.А. Мадвалиев // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва ҷамъиятӣ. – 2020. – №8. – С. 359-366. ISSN: 2413-5151

[4-М]. Мадвалиев, Ҷ.А. Ташаккули фаъолияти зиддитеррористӣ дар шароити муосир [Матн] / Ҷ.А. Мадвалиев // Тоҷикистон ва ҷаҳони имрӯз. – 2021. – №3 (75). – С. 96-111. ISSN: 2075-9584

[5-М]. Мадвалиев, Ҷ.А. Заминаҳо ва омилҳои пайдоиши терроризми байналмилалӣ [Матн] / Ҷ.А. Мадвалиев // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва ҷамъиятӣ. – 2021. – №5. – С. 273-281. ISSN: 2413-5151

[6-М]. Муродова Н.С., Мадвалиев Ҷ.А. Терроризм ва амалҳои террористӣ ҳамчун таҳдид ба суботи сиёсии ҷомеа [Матн] / Н.С. Муродова, Ҷ.А. Мадвалиев // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва ҷамъиятӣ. – 2024. – № 1. – С. 276-283. ISSN: 2413-5151.

**II. Маърӯзаҳо дар конфронсҳои илмии байналмилалӣ, ҷумҳуриявӣ ва минтақавӣ:**

[7-М]. Мадвалиев, Дж.А. Факторы и предпосылки возникновения международного терроризма [Текст] / Дж.А. Мадвалиев // Развитие национальной государственности в период независимости: материалы республиканской научно-практической конференции (г. Душанбе, 03 сентября 2021 г.). – Душанбе, 2021. – С. 171-179.

[8-М]. Мадвалиев, Ҷ.А. Терроризми байналмилалӣ ва хусусиятҳои он [Матн] / Ҷ.А. Мадвалиев // Шабакаҳои иҷтимоии интернетӣ ҳамчун таҳдиди воқеӣ ба амнияти миллӣ: маводи конференсияи ҷумҳуриявии илмӣ-назариявӣ (ш. Душанбе, 29 ноябри соли 2022). – Душанбе: ДМТ, 2022. – С. 292-297.

[9-М]. Мадвалиев, Ҷ.А. Таъсири терроризм ба суботи сиёсии ҷомеа [Матн] / Ҷ.А. Мадвалиев // Мақом ва нақши Ҷумҳурии Тоҷикистон дар инкишофи геополитикии минтақа: маводи конференсияи ҷумҳуриявии илмӣ-амалӣ (ш. Душанбе, 29 августи соли 2023). – Душанбе: ДМТ, 2023. – С. 207-220.

[10-М]. Мадвалиев, Ҷ.А Ташаккули худшиносии миллӣ ҳамчун воситаи мубориза бар зидди терроризм [Матн] / Ҷ.А. Мадвалиев // Маҷмуаи мақолаҳои конференсияи илмӣ-амалии байналмилалӣ дар мавзуи «Худшиносии миллӣ дар раванди ҷаҳонишавӣ» бахшида ба 75-солагии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон (3 октябри соли 2023). – Душанбе, 2023. – С. 399-408.

[11-М]. Мадвалиев, Ҷ.А. Тундгароӣ ва ифротгароӣ ҳамчун омилҳои асосии пайдоиши терроризм [Матн] / Ҷ.А. Мадвалиев // Маводи конфренсияи байналмилалии илмӣ-назариявӣ дар мавзуи «Терроризм ва экстремизм - хатар ба амнияти инсоният / таҳти назари д.и.и., профессор Шарифзода М.М. - Хуҷанд: Дабир, 2023. –С. 551-558.

# АННОТАТСИЯИ

**диссертатсияи Мадвалиев Ҷамолиддин Алиҷонович дар мавзуи «Терроризм, амалҳои террористӣ ва таъсири онҳо ба суботи сиёсии ҷомеа», барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои сиёсӣ аз рӯйи ихтисоси 23.00.02 – Ниҳодҳо, равандҳо ва технологияҳои сиёсӣ**

**Калимаҳои калидӣ:** Терроризм, террор, амалҳои террористӣ, суботи сиёсӣ, ифротгарой, тундгарой, ифротгароии динӣ, ташкилотҳои террористӣ, терроризми байналхалқӣ, терроризми муосир, фаъолияти зиддитеррористӣ, терроризми исломӣ, тундгароии исломӣ, ҷанги шаҳрвандӣ.

Мақсади таҳқиқот – таҳқиқи хусусиятҳои муҳимми терроризми замони муосир, баррасии таъсири терроризм ва амалҳои террористӣ ба суботи сиёсии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва нишон додани роҳу воситаҳои мубориза бо терроризм.

Дар раванди таҳқиқот методҳои муқоисавӣ, таҳлили системавӣ, типологӣ, контент-анализ, методи оморӣ истифода бурда шудаанд.

Дар таҳқиқоти мазкур хусусиятҳои бевоситаи терроризми муосир таҳқиқ гардида, заминаҳо ва омилҳои ташаккули он дар шароити ҳозира, таъсири амалҳои террористӣ ба суботи сиёсии ҷомеа нишон дода шудаанд. Масъалаҳои алоҳидаи навгонии илмии таҳқиқотро ба таври зерин баррасӣ гардидаанд: асосҳои назариявию консептуалии масъалаҳои ҷудогонаи терроризм таҳлил гардида, дар ин замина моҳият ва хусусиятҳои муҳимтарини терроризми муосир нишон дода шудаанд; алоқамандии терроризм бо идеологияҳои тундгарой ва ифротгарой таҳқиқ гардида, паҳншавии ғояҳои мазкур ҳамчун заминаи асосии ташаккули терроризм муайян гардидаанд; шаклҳои мухталифи зоҳиршавии терроризм таҳлилу баррасӣ гардида, дар ин замина махсусиятҳои зуҳури амалҳои террористӣ дар олами муосир нишон дода шудаанд; махсусиятҳои низоми мубориза ба муқобили терроризм ва амалҳои террористӣ дар шароити ҳозира таҳқиқ гардида, таҳаввулоти таҷрибаҳои зиддитеррористии давлатҳои алоҳида ва созмонҳои байналмилалӣ муайян карда шудаанд; таъсири терроризм ва амалҳои террористӣ ба суботи сиёсӣ ва амнияти миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон нишон дода шуда, бо назардошти дигаргуниҳои ҷаҳони муосир хусусиятҳои мубориза бо ин зуҳурот дар шароити навини давлатдорӣ нишон дода шудааст; масъалаҳои рӯзмарраи фаъолияти зиддитеррористӣ ва пешомади инкишофи онҳо таҳлил гардида, дурнамои таъмини суботи сиёсӣ ва пешгирии амалҳои террористӣ нишон дода шудаанд.

Диссертатсия кори илмии бaанҷомрасида ба ҳисоб рафта, ба масъалаҳои таъмини суботи сиёсии ҷомеа аз таҳдиду хатарҳои терроризм ва амалҳои террористӣ бахшида шудааст. Таҳқиқи асосҳои назариявӣ ва амалии мавзуъ моҳияти илмиро соҳиб буда, дар асоси адабиёти илмӣ ва бо далелу мисолҳои рӯзмарра исбот карда мешавад.

# АННОТАЦИЯ

**на диссертацию Мадвалиева Джамолиддина Алиджоновича на тему «Терроризм, террористические акты и их влияние на политическую стабильность общества», на соискание ученой степени кандидата политических наук по специальности 23.00.02 – Политические институты, процессы и технологии.**

**Ключевые слова:** Терроризм, террор, террористические акты, политическая стабильность, экстремизм, радикализм, религиозный экстремизм, террористические организации, международный терроризм, современный терроризм, контртеррористическая деятельность, исламский терроризм, исламский радикализм гражданская война.

Цель исследования – исследование важных характеристок современного терроризма, влияния терроризма и террористических актов на политическую стабильность Республики Таджикистан, путей и средств борьбы с терроризмом.

В процессе исследования использовались сравнительные методы, систематический анализ, типология, контент-анализ и статистические методы.

В данном исследовании исследуются непосредственные характеристики современного терроризма, показаны основы и факторы его формирования в современных условиях, влияние террористических актов на политическую стабильность общества. Отдельные вопросы научной новизны исследования обсуждаются следующим образом: анализируются теоретические и концептуальные основы отдельных проблем терроризма, и в этом контексте показаны сущность и важнейшие особенности современного терроризма; исследована связь терроризма с идеологиями экстремизма и радикализма, распространение этих идей выявлено как фундаментальная основа формирования терроризма; анализируются и обсуждаются различные формы проявления терроризма, в этом контексте показаны особенности проявления террористических актов в современном мире; исследуются особенности системы борьбы с терроризмом и террористическими актами в современных условиях, определяется эволюция антитеррористической практики отдельных государств и международных организаций; показано влияние терроризма и террористических актов на политическую стабильность и национальную безопасность Республики Таджикистан с учетом изменений в современном мире, показаны особенности борьбы с этими явлениями в новых условиях государственности; анализируются повседневные вопросы антитеррористической деятельности и ее дальнейшее развитие, показаны перспективы обеспечения политической стабильности и предотвращения террористических актов.

Диссертация считается законченной научной работой и посвящена вопросам обеспечения политической стабильности общества от угроз и опасностей терроризма и террористических актов. Исследование теоретических и практических основ темы имеет научное значение и подтверждается на основе научной литературы и практическими примерами.

## ANNOTATION

**for the dissertation of Madvaliev Jamoliddin Alidzhonovich on the topic "Terrorism, terrorist acts and their impact on the political stability of society", for the academic degree of candidate of political sciences in the specialty 23.00.02 - Political institutions, processes and technologies.**

**Key words:** Terrorism, terror, terrorist acts, political stability, extremism, radicalism, religious extremism, terrorist organizations, international terrorism, modern terrorism, counter-terrorism activities, Islamic terrorism, Islamic radicalism, civil war.

The purpose of the study is to study the important characteristics of modern terrorism, the impact of terrorism and terrorist acts on the political stability of the Republic of Tajikistan, ways and means of combating terrorism.

The research process used comparative methods, systematic analysis, typology, content analysis and statistical methods.

This study examines the immediate characteristics of modern terrorism, shows the foundations and factors of its formation in modern conditions, and the impact of terrorist acts on the political stability of society. Certain issues of scientific novelty of the study are discussed as follows: the theoretical and conceptual foundations of individual problems of terrorism are analyzed, and in this context the essence and most important features of modern terrorism are shown; the connection between terrorism and the ideologies of extremism and radicalism has been studied, the spread of these ideas has been identified as the fundamental basis for the formation of terrorism; various forms of manifestation of terrorism are analyzed and discussed, in this context the features of the manifestation of terrorist acts in the modern world are shown; the features of the system of combating terrorism and terrorist acts in modern conditions are examined, the evolution of the anti-terrorism practice of individual states and international organizations is determined; the influence of terrorism and terrorist acts on the political stability and national security of the Republic of Tajikistan is shown, taking into account changes in the modern world, the features of the fight against these phenomena in the new conditions of statehood are shown; everyday issues of anti-terrorist activity and its further development are analyzed, prospects for ensuring political stability and preventing terrorist acts are shown.

The dissertation is considered a completed scientific work and is devoted to the issues of ensuring the political stability of society from the threats and dangers of terrorism and terrorist acts. The study of the theoretical and practical foundations of the topic has scientific significance and is confirmed on the basis of scientific literature and practical examples..

**БОХТАРСКИЙ ГОСУДАРСТВЕННЫЙ УНИВЕРСИТЕТ**
**ИМЕНИ НОСИРА ХУСРАВА**

*На правах рукописи*

**УДК: 3 43.32+32(575.3)**
**ББК: 67-6+66.5 (2таджик)**
**М- 16**

**МАДВАЛИЕВ ДЖАМОЛИДДИН АЛИДЖОНОВИЧ**

# ТЕРРОРИЗМ, ТЕРРОРИСТИЧЕСКИЕ АКТЫ И ИХ ВЛИЯНИЕ НА ПОЛИТИЧЕСКУЮ СТАБИЛЬНОСТЬ ОБЩЕСТВА

**Автореферат**
**диссертации на соискание ученой степени**
**кандидата политических наук по специальности 23.00.02 –**
**Политические институты, процессы и технологии**

**Душанбе – 2024**

Диссертация подготовлена на кафедре политологии Бохтарского государственного университета имени Носира Хусрава

| | |
|---|---|
| **Научный руководитель:** | **Муродова Нигина Сулаймоновна** – доктор политических наук, дотсент, заведущая кафедры политологии Таджикского национального университета |
| **Официальные оппоненты:** | **Абдухамитов Валиджон Абдухалимович** – доктор юридических наук, профессор кафедры уголовного права юридического факультета Российско - Таджикского славянского университета |
| | **Файзов Рамазон Холмадович** – доктор философии (PhD), по специальности «политология», старший преподаватель кафедры политологии Кулябского государственного университета имени Абуабдуллы Рудаки |
| **Ведущая организация:** | Таджикский государственный университет права, бизнеса и политики |

Защита состоится «3» мая 2024 года в «$15^{00}$» часов на заседании Диссертационного совета 6D.КОА–001 при Таджикском национальном университете (734025, г. Душанбе, Буни Хисорак, учебный корпус 15, www.tnu.tj, e-mail: tgnu@mail.tj. Тел. +992 919 60 69 66).

С диссертацией можно ознакомиться на сайте www.tnu.tj и в научной библиотеке Таджикского национального университета по адресу 734025, г. Душанбе, пр. Рудаки, 17.

Автореферат разослан «____» _________ 2024 года

**И. о. ученого секретаря Диссертационного совета, доктор исторических наук** **Акрами З.И**

# ВВЕДЕНИЕ

